Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

# Боҷу хироҷ

№49 (1198)

Панҷшанбе, 5 декабри соли 2019

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ПРЕЗИДЕНТ




### Сафари корӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Бишкек ва Тошкент

с. 2-3

# Ҳадаф – дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ




ҚОНУН ВА АНДОЗ

### Содагардонии раванди бақайдгирӣ – мусоидат ба афзоиши шумораи субъектҳои хоҷагидор

Сифати иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» - таҳти назорат

с. 6

КОРҲОИ ФАҲМОНДАДИҲӢ

### Самти муҳими фаъолият

Ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ

с. 8

### Эълон!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли мансабҳои холӣ озмун эълон менамояд.

с. 13

ДИҚҚАТ!!! * ДИҚҚАТ!!!

**ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ» БАРОИ СОЛИ 2020 ИДОМА ДОРАД**

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

65 СОМОНӢ
НАРХИ ЯКСОЛАИ ОБУНА

СУРОҒАИ МО:

ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе
**Телефон:** 44-600-41-76

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:

р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
**РМА** 030007408



## Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлоси навбатии Шӯрои амнияти дастаҷамъии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ иштирок намуданд




**28 ноябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон дар иҷлоси навбатии Шӯрои амнияти дастаҷамъии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ иштирок ва суханронӣ карданд.**

Дар кори иҷлос Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Сарвазири Ҷумҳурии Арманистон Никол Пашинян, Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим Жомарт Токаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Сооронбой Жеенбеков ва Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин иштирок карданд.

Дар иҷлоси навбатии Шӯрои амнияти дастаҷамъии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ масъалаҳои вобаста ба вазъи минтақа ва ҷаҳон, самтҳои асосии фаъолияти Созмон оид ба таъмини амният ва иқтидори мудофиавии кишварҳои аъзо, муҳокимаи самтҳои калидии рушди вазъи сиёсӣ дар ҷаҳон, таҳкими иқтидори СААД, афзоиш ёфтани таҳдиду хатарҳои глобалию минтақавии амниятӣ ва андешидани тадбирҳои мубориза дастаҷамъӣ бо онҳо, дарёфти роҳҳои амиқи мубориза ба муқобили терроризму экстремизми байналхалқӣ, идеологияи сиёсию динӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ярок, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар шаклҳои ҷиноятҳои фаромиллӣ ва вазъи нигаронкунандаи Афғонистон мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ таъкид намуданд, ки дар ҷаҳони имрӯза хатару таҳдидҳо ба амнияту суботи давлатҳо, аз ҷумла дар минтақаи масъулияти Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ афзун гардидааст.

Сарвари давлат изҳор доштанд, ки бо дарназардошти вазъи ба амаломада аз давлатҳои аъзои созмон тақвияти бештари ҳамгиройӣ дар мубориза ба ин зуҳуроти номатлуби аср тақозо мегардад.

«Соли оянда 75 — солагии Ғалаба дар Ҷанги бузурги ҷаҳонӣ ҷашн гирифта мешавад ва мо барои таҷлили ин санаи муҳими таърихӣ дар чаҳорчӯби СААД тамоми тадбирҳоро меандешем», — таъкид доштанд Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Дар иҷлоси навбатии Шӯрои амнияти дастаҷамъии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ Изҳороти Шӯрои амнияти дастаҷамъии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ оид ба такмили ҳамгирой ва ҳамкорӣ барои таҳкими амнияти минтақавӣ ва байналхалқӣ, Нақшаи чорабиниҳо оид ба таҷлили 75-солагии Ғалаба дар Ҷанги дуюми ҷаҳонии солҳои 1941-1945, Қарори номгӯи тадбирҳои иловагӣ барои коҳиш додани шиддати вазъ дар назди сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дигар санадҳои таҳкими ҳамкории сиёсӣ, ҳарбӣ, ҳарбӣ-иқтисодии давлатҳои аъзои СААД, такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва молиявию иқтисодии фаъолияти Созмон қабул гардид.

Инчунин, аз ҷониби сарони давлатҳо 15 қарори дахлдори Шӯрои амнияти дастаҷамъӣ доир ба ҳамгироии минбаъда дар самтҳои гуногун ба имзо расид.

Иҷлоси навбатии Шӯрои амнияти дастаҷамъии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ дар нишасти матбуотӣ бо иштироки доираи васеи намояндагони васоити ахбори омма натиҷагирӣ шуд.

## Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев мулоқот карданд



28 ноябр дар шаҳри Тошканд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи Вохӯрии дуюми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев мулоқот карданд.

Дар ҷараёни мулоқот маҷмӯи васеи масоили ҳамкории ду кишвар мавриди муҳокима қарор дода шуд.

Ҷонибҳо вазъ ва дурнамои равобити ҳамкориро дар соҳаҳои барои ҳарду ҷониб судманди тиҷорату иқтисод, нақлиёт, фарҳангию гуманитарӣ ва маориф баррасӣ намуданд.

Аз сатҳи рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои нақлиёту коммуникатсия ва робитаҳои байниминтақавӣ, хусусан миёни пойтахтҳои ду кишвар, изҳори қаноатмандӣ карда шуд.

Таъкид гардид, ки афзоиши минбаъдаи ҳаҷми гардиши мол байни ду кишвар барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувори ҷонибҳо мусоидат хоҳад кард. Дар ин замина татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар самти сармоягузорӣ ва саноати истеҳсолӣ низ муҳим арзёбӣ гардид.

Дар охири мулоқот Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев даъват ба амал оварданд, ки дар вақти бароящон муносиб бо сафари расмӣ ба Тоҷикистон ташриф оранд. Даъват бо хушнудӣ пазируфта шуд.

## Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Вохӯрии дуюми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ иштирок намуданд

**29 ноябр дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Вохӯрии дуюми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ иштирок ва суханронӣ карданд.**



Дар вохӯрӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, нахустин Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Сооронбой Жээнбеков, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Туркманистон Гурбангули Бердимуҳаммедов ширкат варзиданд.

Сарони давлатҳо аҳамияти Вохӯрии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказиро таъкид карда, маҷмӯи васеи масоили мубрами ҳамкории минтақавӣ, аз ҷумла, дурнамои ҳамкории тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва сармоягузории кишварҳои минтақа, рушди инфрасохтори нақлиётӣ, ҳамгирой дар бахши илмӣ-техникӣ ва фарҳангӣ-гуманитарӣ ва масъалаҳои амнияти минтақавиро баррасӣ карданд.

Зимни суханронӣ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои пазироии самимӣ ва ташкили сатҳи баландӣ вохӯрӣ изҳори сипос намуданд.

«Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ҷонибдори таҳким ва рушди муносибатҳои ҳамаҷонибаи шарикии байни давлатҳо мебошад», — изҳор доштанд Сарвари давлат.

Таъкид гардид, ки натиҷаи машварати созанда бори дигар мавқеи наздики давлатҳоро оид ба таъмиқи ҳамгироии минтақавӣ ва беҳсозии вазъи зиндагии мардумони кишварҳо муайян менамояд.

Президенти мамлакат соҳаҳои тиҷорату иқтисод, сармоягузорӣ, кишоварзӣ, бахшҳои гуногуни саноат, рушди инфрасохтори нақлиётию коммуникатсионӣ, истифодаи оқилонаву самараноки захираҳои обии минтақаро аз самтҳои муҳими ҳамкории кишварҳои Осиёи Марказӣ арзёбӣ карданд.

Зимни суханронӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи сарони давлатҳои Осиёи Марказиро ба ҳалли масъалаҳои глобалии тағйирёбии иқлим ва коҳиш додани хатарҳои офатҳои табиӣ ҷалб карданд.

Дар Вохӯрии дуюми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ҳамчунин масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ ва муборизаи муштарак бар зидди таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Аз рӯи натиҷаи Вохӯрии дуюми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ Изҳороти муштараки сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Дастури корӣ оид ба ташкили Вохӯрии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ қабул гардид.

Дар охири вохӯрӣ ҳамчунин раисӣ дар Хазинаи Байналмилалии наҷоти Арал ба таври гузариш ба муҳлати се сол, шурӯъ аз соли 2020 ба Тоҷикистон гузашт.

Дар ин замина сарони давлатҳо номзадии Тоҷикистонро ҷонибдорӣ карда, қарори Хазинаи Байналмилалии наҷоти Аралро ба имзо расониданд.

Бо ин қарор Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси Хазинаи Байналмилалии наҷоти Арал интихоб гардид.

# Ҳадаф - рушди судманди ҳамкориҳои минтақавӣ

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Вохӯрии дуюми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ

**Муҳтарам Шавкат Миромонович!**

**Муҳтарам ҳамтоён!**

Пеш аз ҳама, мехоҳам ба Шумо, муҳтарам Шавкат Миромонович, барои пазироии самимӣ ва фароҳам овардани шароити хуб барои гузаронидани вохӯрии имрӯза арзи сипос намоям.

Мо дар ҳайати маҳдуд доираи васеи масоили мубрами рӯзномаи минтақавиро муҳокима намудем. Натиҷаҳои мубоҳисаҳои судманд бори дигар қаробати мавкеъҳои давлатҳои моро оид ба амиқ гардонидани ҳамкории минтақавӣ нишон доданд.

Дар ин росто, имрӯз дар назди мо вазифаҳои калон истодаанд ва мо бояд иқдоми минбаъдаи мушаххаси худро оид ба рушди судманди ҳамкории минтақавӣ, ки ба болоравии минбаъдаи некуаҳволии халқҳои мо равона гардидаанд, муайян созем.

Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ҷонибдори аҳким ва рушди ҳаматарафаи робитаҳо ва шарикӣ миёни давлатҳои минтақа буд ва ҳаст.

Чунончи, дар мақоли тоҷикӣ омадааст: «Ҳамсояи наздик беҳ аз хеши дур». Халқҳои мо таърихи бисёрасраи ҳамзистии созанда дар рӯҳияи ҳамсояги нек ва дастгирии ҳамдигарро доранд.

Яке аз сматҳои муҳими шарикии минтақавӣ ҳамкорӣ дар соҳаи тиҷорату иқтисодиёт мебошад.

Дар ин зимина, мехоҳам ҷараёни устувори афзоиши мубодилаи тарафайни Тоҷикистонро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ таъкид намоям. Ҳамзамон, ба таври возеҳ мусаллам аст, минтақа дар ин соҳа неруи калон дорад, ки ҳанӯз ба пуррагӣ истифода нашудааст.

Мо ҷонибдори мунтазам вусъат додани маҷмӯи ҳамкории иқтисодӣ мебошем. Вазифаи асосӣ дар ин самт, пеш аз ҳама, фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳаракати озоди мол, хизматрасонӣ, захираҳои меҳнат ва сармоя мебошад. Барои рушди ҳамкории сармоягузорӣ имкониятҳои фаровон мавҷуданд.

Инҷо зикр кардан ба маврид аст, ки аҳамияти таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ бо дарназардошти манфиатҳои умумии ҷонибҳо яке аз шартҳои муҳим мебошад.

Ин иқдом ҳам ба ҳамкории воқеӣ дар сатҳи минтақавӣ ва ҳам ба суръат бахшидани рушди иқтисодии кишварҳои мо мусоидат хоҳад кард.

Дар ин замина, ба назари мо, зарурати ташкили Фонди сармоягузории Осиёи Марказӣ барои маблағгузории лоиҳаҳои ояндадори минтақавӣ мувофиқи мақсад аст. Ҳамчунин ҳамкории дуҷонибаро дар соҳаи кишоварзӣ ва дар бахшҳои гуногуни саноат зарур шуморем.

Минтақаи мо дорои имкониятҳои васеи нақлиётию транзитӣ мебошад.




Мо барои манфиати халқҳоямон бояд шароити мусоид фароҳам оварем.

Пӯшида нест, ки рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ дар минтақа аз самтҳои дигари афзалиятноки ҳамкорӣ мебошад.

Бо ин мақсадҳо Тоҷикистон ба эҷоди долонҳои нав ва барқарорсозии долонҳои минтақавии нақлиётӣ ва транзитӣ аҳамияти хоса медиҳад. Зарур аст, ки кишварҳои минтақа барои фароҳам овардани шароити хуб барои ҳамлу нақли транзитӣ кӯшиши худро равона созанд.

Баланд бардоштани сатҳи амнияти нақлиётӣ, татбиқи сиёсати фасеҳи тарифӣ ва содагардонии расмиёти гумрукӣ низ муҳим мебошад.

Бо дарназардошти воқеияти имрӯза, баррасии масъалаи омодасозӣ ба имзои Созишномаи бисёрҷонибаи дахлдорро ҷиҳати таҳияи минбаъдаи механизми умумии минтақавии ҳамкории нақлиётӣ ва транзитӣ мувофиқи мақсад мешуморем.

Истифодаи самарабахши иқтидори обу энергетикаи минтақа ҷанбаи дигари муҳими ҳамкорӣ ба шумор меравад.

Оқибатҳои тағирёбии иқлим ва талаботи рӯзафзун ба захираҳои об, ки бо афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодиёти минтақа вобаста мебошанд, зарурати ҳамоҳангсозӣ ва амалҳои мураттабро дар соҳаи истифодаи ҳамаҷонибаи захираҳои об талаб мекунанд.

Бо истифода аз фурсат, мехоҳам бори дигар омодагиамонро барои муколамаи кушод оид ба ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли қобили қабули тарафайн ва оқилона дар ин самт изҳор намоям.

Дар ин росто, амалҳои муштараке, ки ба татбиқи амалии лоиҳаҳо ва барномаҳои минтақавӣ дар соҳаи истифодаи об, аз ҷумла дар доираи Хазинаи байналмилалии наҷоти Арал нигаронида шудаанд, аҳамияти муҳим доранд.

Итминон дорем, ки талошҳои муштараки мо дар татбиқи лоиҳаҳои обӣ ва энергетикӣ дар ҳалли масъалаҳои зиёди рушди устувор саҳми назаррас мегузоранд.

Тағйирёбии иқлим яке аз мушкилоти ҷиддии глобалии замони мо ба шумор меравад.

Оқибатҳои тағйирёбии иқлим ба миқдор ва сифати захираҳои оби тоза дар минтақаи мо таъсири манфӣ мерасонанд.

Ҳамин тариқ, дар Тоҷикистон, ки дар он то 60 фоизи захираҳои оби Осиёи Марказӣ ташаккул меёбанд, дар даҳсолаҳои охир коҳиши чашмраси масоҳати пиряххо ба назар мерасад. То имрӯз аз 13 ҳазор пирях, ки дар кӯҳҳои Тоҷикистон ҷойгиранд, ҳазортоаш нопадид шудааст.

Ҳамзамон мехоҳам зикр намоям, ки дар ин замина маҷрои дарё дар ҳудуди меъёрҳои дарозмуҳлат боқӣ мемонад. Бо вуҷуди ин, моро мебояд ба мушкилоти обшавии захираҳои барфӣ ва яхии минтақа таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир намоем.

Дар робита ба ин, ман борҳо аз минбари СММ ва созмонҳои дигари байналмилалӣ ба таъсиси Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряххо даъват кардаам.

Мо пешниҳод менамоем, ки ҳамгироии сохторҳо ва бахшҳои илмии кишварҳоямон дар самти назорати ин ва дигар манбаъҳои об дар минтақа тақвият дода шавад.

Дар ин росто, ба роҳ мондани мубодилаи доимии иттилоот ва андешидани тадбирҳоро барои таҳия ва татбиқи якҷояи барномаҳои минтақавӣ бо мақсади коҳиш додани таъсири омилҳои антропогенӣ ба ҳолати пиряххо мувофиқи мақсад мешуморем.

Самти дигари муҳими ҳамгироии мо метавонад ҳамкорӣ дар соҳаи коҳиш додани хатари офатҳои табиӣ бошад.

Тоҷикистон кишвари кӯҳсор аст ва бо дарназардошти шароити табиию иқлимӣ зуд-зуд ба зуҳуроти офатҳои табиӣ дучор мегардад. Онҳо ҳамасола ба иқтисодиёти кишвар миллионҳо доллар зарари зиёди моддӣ мерасонанд, мутаассифона, ҳолатҳои марг низ ҳастанд.

Мо ба таҳкими ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи вокуниши муштарак ба ҳолатҳои фавқулодда манфиатдорем.

Рушди минбаъдаи ҳамкории фарҳангиву гуманитарӣ аҳамияти басо муҳим дорад.

Мехостам аҳамияти густариши равобитро дар соҳаи илм ва маориф махсус таъкид намоям.

Мо ба таҳкими минбаъдаи равобит дар соҳаҳои фарҳанг, санъат, сайёҳӣ ва варзиш манфиатдорем. Мо ҳамаҷониба тақвият бахшидани робитаҳо миёни марказҳои илмию таълимӣ ва доираҳои эҷодии кишварҳоямонро муҳим мешуморем.

Дар ин замина, пешниҳод менамоям, ки ҳамасола дар кишваре, ки дар он Шӯрои машваратии навбатиамон баргузор мешавад, Рӯзҳои муштараки фарҳангии халқҳои Осиёи Марказӣ баргузор карда шаванд.

Ҳамчунин, ба мақсад мувофиқ мешуд, ки ба вазорату идораҳои дахлдор супориш дода шавад, ки Барномаи минтақавии мубодилаи байнидонишгоҳӣ ва илмӣ, баргузории конфронсҳои муштараки илмию амалӣ, семинарҳо, омӯзишҳо ва мизҳои мудаввари оид ба масъалаҳои мубрами минтақаамон таҳия намоянд.

Рушди соҳаи сайёҳӣ ҷузъи муҳими робитаҳои фарҳангӣ ва гуманитарӣ мебошад. Ин соҳа дар густариши робитаҳо миёни халқҳои мо нақши муҳим дошта, ба таҳкими ҳамдигарфаҳмӣ ва рушди мубодилаи фарҳангӣ мусоидат мекунад.

Мо тақвияти ҳамгироии минтақавиро ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳамкории наздик, самарабахш ва мутақобилан судманд дар ин соҳа зарур мешуморем.

**Муҳтарам ҳамтоён,**

Таъмини амният омили асосии рушди устувор мебошад.

Тавре вақт нишон дод, сатҳи таҳдидҳо ва чолишҳо ба амнияти минтақавӣ, сарфи назар аз андешидани чораҳо дар самти мубориза бо онҳо, паст нашудаанд.

Фаъол шудани амалҳои созмонҳо ва гурӯҳҳои террористию экстремистӣ дар қаламрави минтақа ба таври возеҳ ба назар мерасад.

Далели он, ки террористҳо ва экстремистҳо ба воқеияти нав мутобиқ шуда истодаанд, шаклҳо ва усулҳои нави гузаронидани амалҳои террористиро тарҳрезӣ ва татбиқ мекунанд, боиси нигаронист.

Дар робита, масъалаҳои таҳкими ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм, қочоқи маводи мухаддир, афзоиши фаъолияти гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятқории фаромиллӣ, киберҷиноят, хариду фурӯши одамон, инчунин яке аз таҳдидҳои асосӣ барои минтақаи мо – тақвият ёфтани таъсири тундгароии мазҳабӣ дар мадди аввал қарор мегиранд. Дар ин самт мо иттифоқчиёни ҳақиқӣ ҳастем.

Ба ақидаи мо, барои коҳиш додани сатҳи ин таҳдидҳо, пеш аз ҳама, ҳамоҳангсозии фаъолтари фаъолияти хадамоти махсус, сарҳадӣ, зиддитеррористӣ ва маводи мухаддир зарур аст.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, мо пешниҳод менамоем, ки механизми баргузории ҷаласаҳои мунтазами роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти махсуси давлатҳои Осиёи Марказӣ таҳия карда шавад.

Барқарор намудани сулҳу оромӣ дар Афғонистон шарти басо муҳими таъмини устувори амнияту субот дар минтақа мебошад.

Аз ин рӯ, мо кӯшишҳои байналмилаливу минтақавиро, ки ба ҷустуҷӯи роҳҳои осоиштаи ҳалли мушкилоти Афғонистон нигаронида шудаанд, пурра дастгирӣ менамоем.

Дар баробари ин, мо бар он итминон дорем, ки мардуми Афғонистон худашон бояд сарнавишташонро ҳал кунад.

Омодаем минбаъд низ ба раванди ташаккули заминаҳои зарурӣ барои рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар шароити сулҳ ва амнияти кафолатдодашуда дар замини ҷафодидаи Афғонистон ҳамаҷониба мусоидат намоем.

**Ҳамтоёни муҳтарам,**

Имрӯз мо Тартиби Вохӯриҳои машваратиамонро тасдиқ хоҳем кард, ки ба муколамаи мунтазами эътимодомези мо дар сатҳи минтақавӣ шакли мушаххас медиҳад.

Пас аз ҷамъбасти ҷаласаи имрӯза, мо инчунин Изҳороти муштарак қабул хоҳем кард, ки нуқтаи назари умумии моро дар бораи вазъ дар минтақа ва кӯшиши ҳамкории минбаъдаи созанда дар минтақаро инъикос мекунад.

Бо дастгирӣ аз қабули ин ҳуҷҷатҳо, ба он изҳори итминон мекунам, ки мубодилаи афкори ҳамаҷониба судманди имрӯз дар Тошканд баргузоргардида ба ҳамкории муассири кишварҳои мо мусоидат хоҳад кард.

Дар хотима мехостам бори дигар ба Шумо, муҳтарам Шавкат Миромонович барои меҳмоннавозӣ ва фароҳам овардани шароити хуб барои баргузории чорабинии имрӯза дар фазои муколамаи созанда изҳори сипос намоям.

# Маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид

**27 ноябр таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар маҷлиси Ҳукумати мамлакат нахуст “Дар бораи Стратегияи миллии рушди омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ва “Дар бораи Барномаи корҳои оморӣ барои соли 2020” гузориши директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулнора Ҳасанзода шунида шуд.

Таъкид гардид, ки лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Стратегияи миллии рушди омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” сеюмин барномаи бисёрсолаи мақомоти омори давлатӣ ба ҳисоб рафта, барои таҳкими низоми омори миллӣ, таъмини муқоисапазирии иттилооти омори расмӣ дар сатҳи байналмилалӣ бо ҷорӣ намудани стандартҳои байналхалқӣ, таъмини фарогирии пурраи субъектҳои хоҷагидор, пайгирии нишондиҳандаҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, нишондиҳандаҳои Ҳадафҳои Рушди Устувор, беҳтар кардани ташаккули омори байниидоравӣ, таъсиси шабакаи ягонаи ҷамъоварии иттилооти омории ҷавобгуи стандартҳои миллӣ ва байналмилалӣ, равона мегардад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Агентии омор ва масъулини дигар вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати иҷрои босамари Стратегияи миллии рушди омор дастуру супоришҳо доданд.

Дар кори маҷлис аъзои Ҳукумат лоиҳаҳои як қатор қонунҳо ва пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ”, Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ипотека”, Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор” ва Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими давлатии нархгузорӣ”-ро муҳокима карда, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуданд.

Аъзои ҳукумати мамлакат ҳамчунин масъалаҳоро Дар бораи Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030, Дар бораи Қоидаҳои ташкили хизматрасонӣ ба мусофирони хатсайрҳои байналмилалӣ дар фурудгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дар бораи муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатномадиҳиро муҳокима карданд.

Дар охир баъди баррасии масъалаҳои рӯзномаи маҷлис Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иҷрои саривақтии супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аъзои Ҳукумат, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, дастурҳои мушаххас доданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи аъзои ҳукуматро ба масъалаи дар сатҳи баланди ташкилӣ гузаронидани маъракаи зимистон, таъмини соҳаҳои иҷтимоӣ бо гармӣ ва маводи сӯзишворӣ дар мавсими сармо ва вусъати корҳои ободонӣ, ҷалб карданд.

# Ҳадаф – дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ

**Тавре аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар доданд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи охири худ дар қатори дигар лоиҳаҳои қонунҳо “Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро низ муҳокима карда, онро маъқул донист ва барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуд.**



Тавре аз лоиҳаи қонун бармеояд, бо дарназардошти омӯзиши сатҳи андозбандии шарикони асосии иқтисодиву тиҷоратӣ ва давлатҳои ҳамсоя, ҷиҳати дастгирии фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна ва ҳавасмандгардонии онҳо барои пешбурди дурусти баҳисобгирии муҳосибӣ, иштирок дар муомилоти ғайринақдӣ ба Кодекси андоз ворид намудани як қатор тағйиру иловаҳо пешбинӣ шудааст.

Аз ҷумла дар лоиҳаи қонун ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он моддаҳои Кодекси андоз пешбинӣ шудааст, ки масъалаҳои объект ва манбаи андозбандии андози низоми содакардашударо танзим мекунанд. Бо мақсади мусоидат намудан ба рушди фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурд дар лоиҳа барои андозсупорандагон интихоби тартиби нави ҳисоб ва пардохт намудани андози низоми содакардашуда пешбинӣ гардидааст, ки тибқи он дар баробари тартиби амалкунанда, яъне аз даромади умумӣ бе тарҳи хароҷот ҳисоб ва пардохт намудани андози содакардашуда, андозсупорандагон метавонанд, инчунин, андози низоми содакардашударо бо тартиби нав, яъне аз фарқияти даромади умумӣ ва хароҷот ҳисоб ва пардохт намоянд.

Ҳамзамон, бо мақсади танзими андозбандии амалиёти азнавбаҳодиҳии асъор ва металлҳои қиматбаҳо, инчунин пешбинӣ намудани мафҳумҳои “махзани электронӣ”, “мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ” ва “утоқи шахсии андозсупоранда” ба Кодекси андоз муқаррароти нав илова карда шуда, доир ба масъалаҳои ҷойдошта мафҳумҳои мушаххас пешбинӣ карда шудаанд.

Тибқи лоиҳа, бо мақсади мушаххас муайян намудани уҳдадории андозсупоранда вобаста ба тартиб додани санади муқоисавӣ бо мақомоти андоз ва дар ин замина пешгирӣ намудани баҳсҳои беасос ба гуногунфаҳмиҳо ба Кодекси андоз ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор пешбинӣ шудааст, ки тибқи он хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ – ҳар сол як маротиба, андозсупорандагоне, ки дар низоми содакардашудаи андозбандӣ қарор доранд, – ҳар шашмоҳа як маротиба ва андозсупорандагоне, ки дар низоми умумии андозбандӣ қарор доранд – ҳар семоҳа як маротиба бо мақомоти андоз санади муқоисавӣ тартиб медиҳанд.

Бо мақсади беҳтар намудани маъмурикунонии андоз аз арзиши иловашуда ва пешгирии қонунвайронкуниҳо дар мавриди беасос ба ҳисоб гирифтани андоз аз арзиши иловашуда, дар лоиҳа ворид намудани муқаррароти дахлдор пешбинӣ шудааст.

Дар ҷаласаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин “Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451” муҳокима ва қабул гардид. Лоиҳаи мазкур бо мақсади ба қайди давлатӣ гирифтани соҳибкорон ва ба онҳо додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи самти фаъолият ва таъмини дастрасии онҳо барои гирифтани қарз аз ташкилоти қарзӣ, ба роҳ мондани баҳисобгирии оморӣ аз рӯи фаъолият оид ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ ва инчунин аз байн бурдани монеаҳои сунъӣ дар самти рушди ҳунарҳои мардумӣ таҳия карда шуда, инчунин муқаррароти қарори амалкунанда ба муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунгузории амалкунанда мутобиқ гардонида шудааст.

Бояд ёдрас намуд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 феврали соли 2018, №60 фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ оид ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ, иҷрои кор ва хизматрасониҳо дар хона аз пардохти андозҳо озод карда шуда буд.

Аммо ҳангоми татбиқи амалии муқаррароти мазкур муайян гардид, ки дар самти фаъолияти соҳибкорон оид ба рушди ҳунарҳои мардумӣ, бо сабаби надоштани ҳуҷҷати расмӣ оид ба пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, барои гирифтани қарз аз ташкилоти қарзӣ монеаҳо ба миён омадааст. Бинобар ин, дар лоиҳа муқаррароти дахлдор пешбинӣ шуд.

Ҳамзамон, бо мақсади муайян намудани ҷойҳои алоҳида барои ба фурӯш гузоштани молу маҳсулоти истеҳсолнамудаи ҳунармандон ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти дахлдор пешбинӣ гардид.

Бо дарназардошти таҷрибаи татбиқи амалии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 ба номгӯи ҳолатҳое, ки ҳангоми ба миён омадани онҳо соҳибкор аз пардохти маблағи патент барои як муҳлати муайян озод мегардад, тағйиру иловаҳо ворид карда шуд (давраи рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд ва офатҳои табиӣ).

Зикр намудан бамаврид аст, ки мақсади ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андоз ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, мусоидат намудан ба рушди сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, аз байн бурдани номуайяниҳо дар қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи соҳаи андоз, фароҳам сохтани сабукиҳо барои фаъолияти соҳибкорон мебошад.

Мутобиқ ба талаботи моддаи 40 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муоинаи хронометражӣ шакли назорати андоз буда, аз ҷониби мақомоти андоз бо мақсади муқаррар намудани даромади воқеии андозсупоранда ва хароҷоти воқеии вобаста ба фаъолияти барои гирифтани даромад равонашуда дар даврае, ки мавриди муоина қарор мегирад, анҷом дода мешавад.

# Натиҷаи муоинаҳои хронометражӣ

Дар робита ба ин, бояд таъкид кард, ки гузаронидани корҳои назоратӣ аз ҷониби кормандони мақомоти андоз ҳамеша дар асоси мақсадҳои муайян ва таҳлилу тадқиқот амалӣ мегардад. Махсусан, фаъолияти андозсупорандагоне, ки мавриди санҷиши хронометражӣ қарор мегирад, амали тасодуфӣ набуда, пас аз омӯзишу тадқиқоти фаъолияти соҳибкорон, ҳангоми ба миён омадани баҳсҳо миёни соҳибкор ва мақомоти андоз ва пайдо шудани ҳисси нобоварӣ нисбат ба онҳо мавриди амал қарор меёбад. Борҳо ба мушоҳида расидааст, ки агар баъзе аз андозсупорандагон тасодуфан ба хато роҳ дода, бо иси вайрон намудани талаботи қонунигузории андоз гардида бошад, баъзеи онҳо бо мақсади пинҳон намудани маблағҳои андоз ва бо роҳи фиреб ба даст овардани даромади муфт ба қонунвайронкуниҳо даст мезананд, ки ин амали онҳо ҳеҷ гоҳ аз чашми кормандони мақомоти андоз пинҳон намемонад. Маҳз барои гирифтани пеши роҳи чунин қонунвайронкуниҳо ва муайян намудани манбаи аслии даромади воқеии соҳибкорон мақомоти андозро зарурат пеш меояд, ки дар фаъолияти ин ва ё он андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузаронад.

Масалан, фаъолияти соҳибкор Абдулҳафиз Раҳимов, ки дар ноҳияи Рӯдакӣ мағозаи фурӯши масолеҳи сохтмонӣ дошт, кайҳо боз диққати кормандони мақомоти ҳудудии андозро ба худ кашида буд. Зеро маблағи андози тибқи ҳисобот пешниҳоднамудаи А. Раҳимов дар манбаи пардохт хеле ночиз ба назар мерасид. Аз ин лиҳоз, кормандони мақомоти ҳудудии андоз зарур донистанд, ки фаъолияти соҳибкор А. Раҳимовро мавриди омӯзиш қарор диҳанд. Соҳибкор А. Раҳимов даромади умумии миёнаи худро дар ҳисобот дар як моҳ ба андозаи 12000 сомонӣ нишон дода, тибқи он андозҳои вобасташударо пардохт менамуду дар суҳбату вохӯриҳо бо кормандони андоз ҳамеша аз хусуси вазнинии маблағҳои андоз шикоят мекард. Ниҳоят кормандони андоз ба қароре омаданд, ки дар фаъолияти андозсупоранда А. Раҳимов муоинаи хронометражӣ гузаронида, манбаи андозбандишавандаи ӯро дақиқ муайян намоянд. Ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ мутобиқ ба талаботи Кодекси андоз маблағҳои дар хазинаи корхона мавҷудбуда, ҳуҷҷатҳои пулӣ, дафтарҳои муҳосибӣ, ҳисобот, сметаҳо, коғазҳои қиматнок, ҳисобҳо, эъломияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ба объекти андозбандӣ алоқаманд, ҳисоботи фискалии мошини назоратӣ-хазинавӣ ва шумораи кормандони кирояи воқеан истифодашаванда ба ҳисоб гирифта шуд. Муайян гардид, ки даромади умумии андозсупоранда пас аз муоинаи хронометражӣ ба ҳисоби миёна дар як моҳ 32430 сомониро ташкил медиҳад, ки ин аз ҳисоботи қаблан пешниҳоднамудаи соҳибкор 20430 сомонӣ зиёд аст. Ҳамчунин, дар ҷараёни санҷиши хронометражӣ ошкор шуд, ки ин соҳибкор дар фаъолияташ аз МҲХ истифода намекард. Дар натиҷа соҳибкор мутобиқи талаботи моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 4400 сомонӣ ҷарима шуд.

Мисоли дигар. Соҳибкори инфиродӣ, сокини ҷамоати деҳоти Турсунзодаи ноҳияи Рӯдакӣ Субҳон Бозоров, ки ба хариду фурӯши молҳои ниёзи мардум машғул аст, бо мақсади нопурра пардохт кардани маблағи андоз дар канор мондан аз назорати ҳамешагӣ ба мақомоти андоз дар хусуси суст будани савдо дар мағозааш ба зиёд будани маблағҳои андоз шикоят овард. Ӯ барои исботи даъвояш дар ҳисоботи ба мақомоти андоз пешниҳоднамудааш маълумотҳои мошини назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва Дафтари сабти маблағҳои нақдиро таҳрифкорона сабт намуд. Бехабар аз он, ки фаъолияти ӯ таҳти назорати кормандони андоз қарор дораду рӯзе сирри пинҳониаш ошкор мешавад.

Муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти соҳибкори инфиродӣ С. Бозоров муайян намуд, ки ӯ қаблан дар ҳисобот даромади ҳармоҳаи хешро ба андозаи 7333 сомонӣ нишон додааст, ки маблағи даромади ӯ дар як рӯз ба ҳисоби миёна 244,4 сомониро ташкил медиҳад. Ба ҷуз ин, соҳибкор дар фаъолияти худ як нафар коргари кирояро бе бастани шартномаи меҳнатӣ ва бидуни қайд дар мақомоти андоз ба кор ҷалб намудааст. Надоштани дониши хуби иқтисодӣ ба кас мушкилиҳо пеш меорад, инчунин шахсро дар ҳар қадам пешпо низ медиҳад. Соҳибкорро маҳз ҳамин дониши пасти иқтисодиаш фиреб дод. Ӯ ба сохтакорӣ роҳ дод. Ҳамин буд, ки ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ мутобиқи нишондоди МҲХ даромади моҳонаи ӯ 27830 сомонӣ муайян карда шуд, ки маблағи якрӯзаи савдо назар ба маблағи қаблан нишондодашуда чор баробар зиёд аст.

Ҳамчунин, С. Бозоров барои таъмин накардани нигоҳдории ҳуҷҷатҳои вобаста ба истифодаи мошини назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ, аз ҷумла лентаҳои назоратӣ мутобиқи талаботи моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 4400 сомонӣ ҷарима шуд.



Муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти соҳибкори инфиродӣ, сокини деҳаи Гулбутта, ҷамоати деҳоти Чимтеппаи ноҳияи Рӯдакӣ Бобохоҷа Абдуллоев муайян намуд, ки дар ҳисоботи андозӣ даромади хешро пинҳон дошта, дар эъломияҳои андоз маблағи якмоҳаи даромади умумии худро 6190 сомонӣ нишон додааст, ки ин ба ҳар як рӯзи корӣ 266,3 сомонӣ рост меояд. Бо мақсади муайян намудани даромади воқеии ин андозсупоранда дар асоси амрномаи мақомоти ҳудудии андоз муоинаи хронометражӣ таъин карда шуд. Тибқи муоинаи хронометражӣ муайян гардид, ки андозсупоранда Б. Абдуллоев ба тайёр ва фурӯши таомҳои миллӣ машғул буда, даромади воқеии ӯ ҳар моҳ 25633 сомониро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба маблағҳои қаблан дар ҳисобот нишондодашуда 19433 сомонӣ зиёд мебошад. Инчунин, дар давраи муоинаи хронометражӣ муайян карда шуд, ки дар ошхонаи номбурда як нафар коргари кироя бе шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб шудааст, ки маблағи андози даромади шахсони воқеӣ ва андози иҷтимоии ӯро корфармо Б. Абдуллоев ҳамчун манбаи даромади худ қарор додааст.

Дар баробари ҳисобӣ шудани маблағҳои пинҳонмондаи андоз, ҳамзамон барои таъмин накардани нигоҳдории ҳуҷҷатҳои вобаста ба истифодаи мошини назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ, аз ҷумла лентаҳои назоратӣ соҳибкор Бобохоҷа Абдуллоев мутобиқи талаботи моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 4400 сомонӣ ҷарима шуд.

**М. ТАБАРЗОДА**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Джонсон назвал планы в случае победы его партии на выборах



Премьер-министр Великобритании Борис Джонсон обещает в случае победы своей партии на выборах провести до Рождества дебаты и очередное голосование по соглашению с Евросоюзом, среди прочих обещаний, содержащихся в манифесте Консервативной партии, – увеличение налога на приобретение недвижимости в Британии иностранцами и иностранными компаниями.

Джонсон официально представит манифест в воскресенье днем, однако основные положения документа были обнародованы в субботу вечером.

«Моим предрождественским подарком стране станет возвращение законопроекта в парламент до праздничных каникул, и возвращение парламента к службе народу», - заявил премьер.

Всеобщие выборы в Великобритании пройдут 12 декабря. Консерваторы стремятся осуществить Brexit 31 января, либдемы выступают за сохранение членства в ЕС, лейбористы обещают новый референдум. Досрочные выборы стали результатом политического кризиса из-за Brexit.

Также в манифесте будет содержаться обещание «заморозить» налог на прибыль, НДС и сборы на национальное страхование, создать рабочие места для дополнительно 20 тысяч полицейских, выделить 3 миллиарда фунтов стерлингов на программу переобучения взрослых людей, предоставить бесплатные телевизионные лицензии людям старше 75 лет за счет Би-би-си.

**Источник: https://ria.ru**

# Ғолибони Озмуни «Соҳибкори беҳтарини шаҳри Душанбе дар соли 2018» қадрдонӣ шуданд

**Бо ташаббуси мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар Муассисаи давлатии «Душанбе-Плаза» маросими тантанавии ҷамъбасти Озмуни «Соҳибкори беҳтарини шаҳри Душанбе дар соли 2018» доир шуд. Ҷоми фахрии озмуни мазкур насиби ғолиби номинатсияи «Истеҳсоли масолеҳи сохтмон ва конструксияҳо» -Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Заводи асфалту бетон»-и шаҳри Душанбе гардид. Ғолибони озмун аз рӯи 18 номинатсия бо ҷоиза, инчунин як зумра соҳибкорони пойтахт барои иштироки фаъолона дар ин озмун бо «Сипоснома»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе қадрдонӣ шуданд.**

Тавре мухбири АМИТ «Ховар» хабар медиҳад, маросими ҷоизасупорӣ бо намоиши филми ҳуҷҷатӣ дар бораи рушди соҳаи саноати шаҳри Душанбе ифтитоҳ гардид.

Сипас сардори Раёсати сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии шаҳри Душанбе Мустафо Шоҳталбзода маросимро ифтитоҳ намуда, зикр кард, ки Озмуни «Соҳибкори беҳтарини шаҳри Душанбе» дар асоси қарори Раиси шаҳр Рустами Эмомалӣ роҳандозӣ гардида, ҳадаф аз баргузории он баланд бардоштани нуфузи соҳибкорон дар ҷомеа, таблиғи дастовардҳои бунёдкоронаву созандаи онҳо, дастгирии ҳамаҷониба ва ҳавасмандгардонии тоҷирон бо мақсади рушди минбаъдаи соҳибкорӣ дар пойтахт, ғанӣ гардонидани бозори истеъмолию буҷети шаҳр ва муҳайё намудани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузорони ватанӣ мебошад.

**«Агар соли 1991 дар шаҳри Душанбе теъдоди соҳибкорон 14 ҳазорро ташкил медод, алҳол дар пойтахт ин шумора ба 42 ҳазору 210 нафар расидааст, ки ин нишондод аз рушди соҳаи мазкур дар шаҳр гувоҳӣ медиҳад»,** - гуфт номбурда

Баъдан қисмати супоридани ҷоизаҳо сурат гирифт. Онҳоро муовинони Раиси шаҳри Душанбе Умед Гуреззода ва Фаррух Ҷумазода ба ғолибон тақдим намуданд. Дар натиҷаи ҷамъбасти озмун Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Комбинати шири Душанбе» дар номинатсияи «Истеҳсоли молҳои истеъмолии халқ», Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Иттиҳодияи истеҳсолии Нассоҷии Тоҷик» дар номинатсияи «Истеҳсоли маҳсулоти саноати сабук», ҶДММ «Тоҷик мебел» дар номинатсияи «Истеҳсоли маҳсулоти истифодаи саноат», ҶСП «Техноинвест» дар номинатсияи «Сохтмон, таъмим ва таъмир», ҶСП «Заводи асфалту бетон» дар номинатсияи «Истеҳсоли масолеҳи сохтмон ва конструксияҳо», ҶДММ «Рамзан Сохтмон» дар номинатсияи «Меъморӣ ва дизайн», ҶДММ «Рухом» дар номинатсияи «Косибӣ ва ҳунарҳои халқӣ», ҶДММ «Баракати Сол» дар номинатсияи «Хӯроки умум», ҶДММ «Газпром-нефт Таджикистан» дар номинатсияи «Савдо», ҶСП «Торгмаш» – номинатсияи «Хизмати маишӣ», ҶДММ «Фавз» дар номинатсияи «Хоҷагидории шаҳрӣ, хизматрасонии манзилию коммуналӣ ва экология», ҶДММ «Тиб барои Шумо» дар номинатсияи «Истеҳсоли доруворӣ, маҳсулот ва таҷҳизоти тиббӣ», ҶДММ «Жасмин» дар номинатсияи «Хизматрасонии тиббӣ», ҶДММ «Интер Фитнес» дар номинатсияи «Хизматрасонӣ дар соҳаи фарҳанг, варзиш ва туризм», ҶДММ «РСМ Тоҷикистон» дар номинатсияи «Хизматрасонӣ барои рушди соҳибкорӣ: таълим, маркетинг, аудит, консалтинг, пешбарии муҳосибот ва кумаки ҳуқуқӣ», ҶДММ «Кашфиёт Таҳлил Машварат» дар номинатсияи «Фаъолияти нашриётӣ, хизматрасонии полиграфӣ, дизайн ва реклама», ҶСП «ТТ Мобайл» дар номинатсияи «Технологияҳои телекоммуникатсионӣ», ҶДММ Ширкати телевизион ва радиои «Азия-Плюс» дар номинатсияи «Технологияҳои ахборӣ» ғолиб дониста шуданд.

Ғолибони озмун аз рӯи ҳар як номинатсия бо диплом ва туҳфаҳои хотиравии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе сарфароз гардонида шуданд.

Ҳамчунин ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуди «Лаззат», «Нурабис», «Имдоди Ғайрат», «Султони Кабир», «Паймон-2013», «Сафариён», «Мавҷи истиқлол», «Муассисаи сайру саёҳати Иттифоқи Тоҷикистон», «Маркази тибби Аҳрориён», «Шоҳёр», «Сифати саноат», «Кӯҳҳои Тоҷикистон», «Сифат фарма», «Ширкати соҳибмулкони Аҳрор Мухторов», «Зафар иншоот», «Дуто», «Тарабхонаи «Ҷавонон», «Шаҳзода», «Бунёди ҷаҳони орзуҳои Шумо», «Душанбе–Принт», «Эрграф», инчунин Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Нур Пласт» ва Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Континент–Инвест», сардори Раёсати сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии шаҳри Душанбе Мустафо Шоҳталбзода ва директори Муассисаи давлатии «Душанбе–Плаза» барои иштироки фаъолона дар озмуни мазкур бо «Сипоснома», «Диплом» ва туҳфаҳои хотиравии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе қадрдонӣ гардиданд.

**АМИТ «Ховар»**

# Содагардонии раванди бақайдгирӣ – мусоидат ба афзоиши субъектҳои хоҷагидор

**Барои бо сифати баланд иҷро намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», инчунин осон кардани кор ва сарфаи вақти андозсупорандагон дар вилояти Хатлон имкониятҳои мавҷуда мувофиқи матлаб истифода мешаванд. Дар умум, гуфтан мумкин аст, ки масъалаҳои мазкур дар сатҳи ҷумҳурӣ мавриди таваҷҷуҳи махсуси мутахассисони мақомоти андоз қарор дорад.**

Сардори шуъбаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар вилояти Хатлон Иброҳим Самадов, изҳор дошт, ки бо ташаббусу роҳнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати Ҷуҳурии Тоҷикистон бахри дасгирии фаъолияти соҳибкорӣ шароити мусоид фароҳам омадааст. Мавсуф илова намуд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни мазкур аз 1 июли соли 2009 мавриди амал қарор гирифта, пас аз қабул гардидани Қонун он додани бақайдгирии давлатӣ ба зиммаи мақомоти андоз вогузор шуд.

Ба иттилои манбаъ, то санаи 1 ноябри соли 2019 аз ҷониби бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 9020 адад шахси ҳуқуқӣ, 16 адад филиал ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ва 92606 соҳибкори инфиродии тибқи патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Агар баъд аз мавриди амал қарор гирифтани қонуни дар боло зикршуда шумораи субъектҳои хоҷагидорӣ дар соли 2010-ум 4970 ададро ташкил медод, соли 2019 ин нишондод ба 101642 адад расид. Яъне, шумораи субъектҳои хоҷагидорӣ сол аз сол тамоюли зиёдшавиро дорад.

Иброҳим Самадов афзуд, ки яке аз омилҳои зиёд шудани шумораи субъектҳои хоҷагидор аз содагардонии раванди бақайдгирии давлатӣ вобастагӣ дорад. Зеро ин раванд имконият медиҳад, ки дилхоҳ шаҳрванд бо мақсади анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ бе мамоният метавонад ба бахшҳои бақайдгирии давлатӣ муроҷиат карда, аз қайди давлатӣ гузаштаю фаъолияти соҳибкории худро оғоз намояд.

Ёдовар мешавем, ки мавриди амал қарор гирифтани қонуни мазкур як қатор бартариҳоро ба миён овард. Аз ҷумла, кӯтоҳ намудани муҳлати бақайдгирӣ аз 35 – 40 рӯзи корӣ ба 3 – 5 рӯзи корӣ, кам гардидани шумораи муроҷиат ба мақомоти давлатӣ аз чор то ба як, кам намудани шумораи ҳуҷҷатҳои барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳодшаванда аз 12 – 14 номгӯй то ба 6 – 7 номгӯй ва бақайдгирии далатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар як мақомот, ки кори шаҳрвандонро хеле осон кардааст.

Бисёре аз талаботи қонуни қаблӣ бекор карда шудаанд. Аз ҷумла, оид ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирӣ бо мақсади бақайдгирии давлатӣ пешниҳод намудани оинномаи шахси ҳуқуқии таъсисёбанда, маълумотномаи мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ оид ба маҳалли (суроғаи) ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ, ба тариқи нотариалӣ тасдиқшудаи ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқии таъсисёбанда, ҳуҷҷати тасдиққунандаи ташаккулёбии сармояи оинномавии шахси ҳуқуқии таъсисёбанда дар мавриди пешниҳоди ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ.

Ҳуқуқшиноси Раёсати андози вилоят Бахтиёр Каримов изҳор дошт, ки тибқи модули нав андозсупорандагон аз 1 январи соли 2018 имконият пайдо намуданд, ки ҳуҷҷатҳои заруриро барои бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва филиалу намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ бемонеъа ба шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии маҳалли фаъолияти худ пешниҳод намоянд.

Иброҳим Самадов гуфт, ки аз андозсупорандагон ва дигар шаҳрвандон даъват ба амал овардаанд, ки тартиби электронии пешниҳоди ҳуҷҷатҳоро барои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ самаранок истифода намоянд. Зеро он бевосита барои сарфаи вақт ва маблағҳои онҳо таҳия ва ҷорӣ гардидааст. Истифодаи дурусти тартиби мазкур ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки ҳангоми бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкории худ ҳамагӣ як маротиба, он ҳам барои гирифтани шаҳодатномаи фаъолияти соҳибкорӣ, ба бахши бақайдгирии маҳалли фаъолияти худ ҳозир шаванд.

**С. РУСТАМ,**
**вилояти Хатлон**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Опубликован список должников по налогам в Нур-Султане

**В Департаменте государственных доходов по Нур-Султану напомнили о необходимости своевременной уплаты земельного и налога на имущество, а также на транспортные средства.**

В противном случае вместе с задолженностью придется выплачивать и набежавшую пеню, передает Tengrinews.kz со ссылкой на официальный сайт столичного акимата.

Те, кто несвоевременно уплачивает налоги и не погашает задолженность, попадают в список должников, который публикуется на просторах интернет-пространства в открытом доступе. В течение 20 рабочих дней после образования задолженности налоговые органы направляют уведомление в адрес физического лица. Если по истечении 30 рабочих дней после получения уведомления налоговая задолженность не погашается, то налоговый орган выносит приказ о ее взыскании и не позднее пяти рабочих дней направляет его физическому лицу. Если в течение пяти рабочих дней после получения налогового приказа должник не погасит налоговую задолженность, то уполномоченный орган направляет такой приказ судебным исполнителям для принудительного исполнения.

Кроме погашения налоговой задолженности с пеней, физическому лицу необходимо будет оплатить еще и услуги судебного исполнителя в размере не менее 20 процентов от суммы задолженности.

Список сформирован из физических лиц, имеющих налоговую задолженность свыше 1 миллиона тенге. В нем значатся около 200 человек.

**Дар асоси талаботи қонунгузории андоз соҳибкорон уҳдадоранд, ки ҳангоми ҳисоббаробаркунии нақдӣ аз мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (МНХ-и дорои ТИЭ) истифода намоянд. Зеро МНХ яке аз воситаҳои муайян намудани даромади воқеии андозсупорандагон ба ҳисоб меравад. Дар қаламрави кишвар ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ ҳангоми фурӯши мол, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо бо пули нақд, кортҳои пардохти бонкӣ, чиптаҳо, бо истифодаи ҳатмии МНХ ва додани чиптаи назоратӣ анҷом дода мешаванд.**

# Вазъи истифодаи МНХ дар кишвар

Имрӯзҳо кормандони мақомоти андози кишвар кӯшиш намуда истодаанд, ки давра ба давра ҳамаи марказҳои савдо ва хизматрасонии кишварро бо МНХ-и дорои ТИЭ таъмин намоянд. Инчунин, Кумитаи андоз назорати раванди истифодабарии мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ ва додани чипта ба истеъмолкунандагонро зери назорат қарор дода, бо андозсупорандагоне, ки дар мавриди истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ ба қонунвайронкуниҳо роҳ медиҳанд, корҳои фаҳмондадиҳӣ мегузаронад. Истифодаи МНХ-и дорои ТИЭ имкон медиҳад, ки фаъолияти андозсупоранда ва интизоми ӯ оид ба истифодаи МНХ дар низоми мустақим зери назорат қарор гирифта, масъулияти андозсупоранда ҷиҳати риояи қонунгузории андоз баланд бардошта шавад ва сатҳу сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон беҳтар гардад.

Тибқи иттилои сардори шуъбаи Раёсати санҷишҳои санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шаҳриёр Авғонов, ба ҳолати 1-уми ноябри соли 2019 мақомоти андоз, дар фаъолияти 20060 андозсупоранда, аз ҷумла 6742 шахси ҳуқуқӣ ва 13318 соҳибкори инфиродӣ 27306 МНХ - и дорои ТИЭ насб намудаанд, ки аз ин 13787 адад дар фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ва 13519 адад дар фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ рост меояд.

Номбурда қайд намуд, ки аз 27306 МНХ-и дорои ТИЭ, ки дар фаъолияти андозсупорандагон насб гардидааст, 22052 адади он мунтазам аз он истифода мекунанд, ки ин 80,8 фоизро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, 11472 шахси ҳуқуқӣ ва 10580 соҳибкори инфиродӣ мунтазам аз МНХ-и дорои ТИЭ истифода мекунанд. Мутаассиффона, ҳастанд нафароне, ки аз МНХ-и дорои ТИЭ истифода намекунанд. Аз 27306 истифодабарандаи МНХ ба ҳисоби миёна ҳамагӣ 5254 нафар ё 19,2 фоизи онҳо аз МНХ истифода накардаанд, ки аз ин ба ҳисоби миёна 2315 адад ба шахсони ҳуқуқӣ ва 2939 адад ба соҳибкорони инфиродӣ рост меояд.



Ш. Авғонов сабабҳои аз МНХ истифода накардани андозсупорандагонро, пеш аз ҳама, аз пинҳон намудани молу маҳсулоти савдокарда ва маблағи даромадашон маънидод намуд.

Аммо соҳибкорон сабаби инро дар суст будани савдо, аҳамият надодани харидорон, ба чипта набудани барқ ва корношоям будани МНХ маънидод мекунанд. Ин дар ҳолест, ки истифодаи МНХ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ дар вақти фурӯши мол, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо бо пули нақд дар асоси қонунгузории андоз ҳатмӣ мебошад.

Мавсуф қайд намуд, ки то ин давра Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе дар якҷоягӣ бо нозиротҳои андози ноҳияҳои он дар фаъолияти 7473 андозсупоранда, аз ҷумла 2049 шахси ҳуқуқӣ ва 5424 соҳибкори инфиродӣ 10413 адад МНХ, Раёсати андоз дар вилояти Суғд дар якҷоягӣ бо нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои он дар фаъолияти 6322 андозсупоранда, 2417 шахси ҳуқуқӣ ва 3905 соҳибкори инфиродӣ 8328 МНХ, Раёсати андоз дар вилояти Хатлон дар якҷоягӣ бо нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои он дар фаъолияти 3144 андозсупоранда, 1231 шахси ҳуқуқӣ ва 1913 соҳибкори инфиродӣ 4235 МНХ, нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар фаъолияти 2993 андозсупоранда, 939 шахси ҳуқуқӣ ва 2054 соҳибкори инфиродӣ 3886 МНХ ва Раёсати андоз дар ВМКБ дар якҷоягӣ бо нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои он дар фаъолияти 81 андозсупоранда, 59 шахси ҳуқуқӣ ва 22 соҳибкори инфиродӣ 88 адад МНХ насб намудааст. Аз шумораи умумии МНХ-ҳои насбшуда дар шаҳри Душанбе 8103 андозсупоранда, вилояти Суғд 6553 андозсупоранда, вилояти Хатлон 3556 андозсупоранда, шаҳру ноҳияҳои тебеи ҷумҳурӣ 3493 андозсупоранда ва ВМКБ 53 андозсупоранда аз МНХ мунтазам истифода мекунанд. Вале, бо вуҷуди таъкидҳои пайвастаи мақомоти андоз ва гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳиву назоратӣ, аз шумораи умумии андозсупорандагони бо МНХ таъмин буда, ба ҳисоби миёна дар шаҳри Душанбе 2310 андозсупоранда, дар вилояти Суғд 1775 андозсупоранда, дар вилояти Хатлон 680 андозсупоранда, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 393 андозсупоранда ва ВМКБ 22 андозсупоранда аз МНХ истифода накардаанд.

Таъмини МНХ, аз як тараф, агар вазифаи мақомоти андоз бошад, аз тарафи дигар, масъулият ва уҳдадории худи соҳибкор ба ҳисоб меравад. Вале, тавре дида мешавад, баъзе аз соҳибкорон дидаву дониста дар фаъолияти худ МНХ насб намекунанд ва ё насб ҳам кунанд, аз он ба таври бояду шояд истифода наменамоянд.

Шаҳриёр Авғонов пешниҳод намуд, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо низ бояд дар мавриди бо МНХ таъмин кардани нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ бо кормандони мақомоти андоз ҳамкорӣ намоянд.

- Яъне дар таъмини МНХ ва таҳти назорат қарор додани онҳо нозиротҳои андоз наметавонанд дар танҳоӣ аз уҳдаи иҷрои ин кор бароянд ва дар ин мавридкӯмаки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ҳатмист. Ба ин кор, онҳо низ бояд диққат диҳанд, зеро ин амал ба ғанӣ гардидани буҷети маҳаллӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Чунки соҳибкор пеш аз он ки дар ҳудуди шаҳр ё ноҳия дӯкони савдо ё нуқтаи хизматрасонӣ кушояд, аввал аз мақомоти иҷроияи маҳалли ҳокимияти давлатӣ иҷозат мегирад. Дар ин маврид, дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба шахси ба соҳибкорӣ машғулшаванда, хуб мешуд, корҳои фаҳмондадиҳӣ анҷом диҳанд. Агар ин масъала роҳи ҳалли худро пурра ёбад, ба манфиати буҷети маҳаллӣ хоҳад буд, - илова намуд ҳамсуҳбати мо.

Ёдовар мешавем, ки мутобиқи тағйироти ба моддаи 38 Кодекси андоз воридгардида, ки аз 01.01.2017 мавриди амал қарор дорад, МНХ бояд қобилияти интиқоли электронии маълумотро дошта бошад.

Тибқи имтиёзҳое, ки қонунгузории андоз барои соҳибкорон муқаррар кардааст, то се моҳ баъд аз шурӯъ намудани фаъолияти соҳибкори инфиродие, ки тариқи шаҳодатнома фаъолият менамояд, аз истифодаи МНХ озод мебошад. Зимнан, мақомоти андоз вазифадоранд, ки ҳангоми муомилоти пулӣ бо аҳолӣ истифодаи ҳатмии мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалиро аз ҷониби андозсупорандагон назорат намоянд. Дар ҳолати истифода накардани МНХ мақомоти андоз уҳдадоранд, ки дар фаъолияти соҳибкор корҳои назоратӣ, аз ҷумла хариди назоратӣ анҷом диҳанд.

Ёдрас мешавем, ки яке аз роҳҳои пурра ба андозбандӣ фаро гирифтани даромади воқеии андозсупорандаҳо мавриди истифодаи дуруст қарор додани мошини назоратӣ – хазинавӣ (МНХ) мебошад. Насбу истифодаи МНХ ҳам барои худи соҳибкорон, ҳам коргарони нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ, ҳам истеъмолкунандагон ва ҳам ғановати буҷету рушди иқтисоди кишвар аҳамияти калон дорад.

Аз ин рӯ, соҳибкоронро зарур аст, ки зимни истифодаи МНХ масъулият эҳсос кунанд ва онро дар фаъолияти худ истифода карда, ба харидорон пайваста аз МНХ чипта пешниҳод намоянд. Ҳамзамон, ҷиҳати тақвият бахшидан ба раванди таъмини соҳибкорон бо МНХ мақомоти ҳудудии андоз бояд бо истифода аз таҳлили барномаҳои СИА корро дар ин самт ҷоннок намоянд ва нисбат ба он субъектҳое, ки бархилофи талаботи муқарраргардида дар фаъолияташон аз МНХ истифода намекунанд, инчунин, андозсупорандагонеро, ки аз оғози фаъолияташон 3 моҳ гузаштааст, бо МНХ-и дорои ТИЭ таъмин намоянд.

**М. ҶУМЪА**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

### Британец купил китайскую императорскую вазу за $1,5

Теперь ее продают на аукционе за 620 тысяч долларов.

Анонимный житель Великобритании в одной из сувенирных лавок в Хартфордшире приобрел миниатюрную китайскую вазу за 1,5 доллара. Мужчина решил, что его находка можеткого-то заинтересовать и выставил ее на продажу в интернете.

За несколько дней на его объявление откликнулись сотни людей, предлагавших за вазу немалые деньги. Тогда британец понял, что его покупка может иметь большую ценность и отнес ее на профессиональную экспертизу специалистам из аукционного дома Sworders Fine Art Auctioneers.

Эксперты обнаружили, что ваза действительно уникальная. Она была сделана для китайского императора Цяньлун, который был у власти с 1735 по 1796 год.

Об этом свидетельствует желтый цвет на обратной стороне изделия, а также две официальные печати императорского двора.

Обнаружив это, специалисты уговорили владельца вазы продать вазу с аукциона. Изначально фарфоровое изделие оценили в 85 тысяч долларов. Однако сейчас цена на вазу достигла 400 тысяч долларов, а со всеми налогами и процентами — около 620 тысяч долларов.

**Источник: https://news.mail.ru**

# Самти муҳими фаъолият

**Ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ, аз ҷумла семинар – машварату вохӯриҳо бо шаҳрвандон ва андозсупорандагон яке аз самтҳои муҳиму афзалиятноки фаъолияти мақомоти андоз ба ҳисоб меравад.**

Аз ин лиҳоз, 20 ноябри соли 2019 дар Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ бо мақсади пешбурди корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тавзеҳотӣ оид ба масъалаҳои қонунгузориҳои андоз дар доираи талаботи моддаи 90 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон семинар-машварат баргузор шуд.

Семинар-машваратро сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ Иброҳимзода Мирмуҳаммад Муҳаммадҷон ифтитоҳ карда, қайд намуд, ки сарчашмаи асосии қисми даромади буҷет аз андозҳои давлатӣ ташаккул ёфта, он барои рушди тамоми соҳаҳои хоҷагии халқамон равона карда мешавад. Таъмини он аз фаъолияти ҳар яки мо вобастагӣ дорад. Барои ин ҳисси баланди ватандӯстӣ ва садоқат ба Ватан лозим аст.

- Мутаассифона, чуноне ки аз фаъолияти кории мақомоти андоз бармеояд, имрӯзҳо баъзе аз андозсупорандагон бархилофи талаботи моддаи 53 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон амал карда, ба нозироти андоз эъломия (ҳисобот)-и дахлдори андозро пешниҳод наменамоянд ва ё бо тавri сифрӣ пешниҳод менамоянд, ё даромади аслии худро пурра нишон намедиҳанд, - гуфт М. Иброҳимзода.

Баъзе андозсупорандагон бархилофи муқаррароти моддаҳои 19, 58, 59 ва 218 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон амал намуда, пардохти сариваҡтии ӯҳдадориҳои андозии худро ба буҷети давлатӣ таъмин наменамоянд. Ин ҳолатҳо омили асосии ташаккул ёфтани бақияи қарзи андозҳо гашта ва ҳамзамон таъсири манфии худро дар иҷрои нақшаи қисми даромади буҷети давлатӣ мерасонанд.

Қайд шуд, ки сарфа намудани вақт, кам кардани хароҷоти маъмурӣ, кам кардани алоқа байни андозсупоранда ва кормандони мақомоти андоз, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти андоз, ҳамчунин хизматрасонии сифатнок ба андозсупорандагон ҳам аз мақсадҳои рушди маъмурикунонии андоз ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, даъват ба амал оварда шуд, ки андозсупорандагоне, ки (шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ) то ҳол ҳисоботи андозии худро тариқи қоғазӣ пешниҳод мекунанд, бояд ба тариқи электронӣ гузаранд.

Таъкид гардид, ки андозсупорандагон метавонанд ҳамеша барои ҳалли масъалаҳои пешомада ба мақомоти андоз ташриф оваранд ва ё тавассути почтаи электронӣ (info@andoz.tj) ва телефонии «боварӣ»-и Кумитаи андоз ба гурӯҳи иттилоотӣ бо рақами содакардашудаи «151» ва Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ муроҷиат намоянд.

Дар охир миёни кормандони нозироти андоз ва андозсупорандагон мубодилаи афкор сурат гирифт.

**А.ОЕВ,**

**мудири бахши ситонидани қарзи андозҳои Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ**

**ШАҲРВАНДОНИ МУҲТАРАМ!**

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

БА МАЪЛУМОТИ ШУМО МЕРАСОНЕМ, КИ РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАҲОИ АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ МЕТАВОНЕД АЗ СОМОНАИ КУМИТАИ АНДОЗ **WWW. ANDOZ.TJ** ВА БАРОИ ГИРИФТАНИ ПОСУХ АЗ БАХШИ ИТТИЛООТИИ (КОНТАКТ-СЕНТР) **151** ИСТИФОДА НАМОЕД.

# Ошкор шудани камбудҳо зимни санҷишҳои амалиётӣ

**Санҷишҳои андоз, асосан, бо мақсади ошкор намудани қонунвайронкуниҳои андоз, бартараф намудани қонунвайронкуниҳои андоз, таъмини пардохти маблағҳои барилова ошкоршудаи андозҳо ба буҷет, ҳамчунин, анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати минбаъд ба қонунвайронкуниҳои андоз роҳ надодани андозсупорандагон гузаронида мешавад.**



Натиҷаи корҳои фаҳмондадиҳию назоратӣ, дастрасии тамоми санадҳои қонунгузории андоз ба андозсупорандагон мусоидат намудааст, ки фаъолияти соҳибкорон низ беҳтар гардад. Чораҳои андешидашуда шаҳодат медиҳанд, ки агарчи маданияти андозсупории андозсупорандагон нисбат ба давраҳои қаблӣ беҳтар гардида, сатҳи қонунвайронкуниҳои андоз нисбатан коҳиш ёфтааст, аммо ҳоло ҳам корҳои назоратӣ дар фаъолияти андозсупорандагони алоҳида қонунвайронкуниҳои андозро ошкор менамоянд. Яке аз чунин корҳои назоратӣ гузаронидани санҷиши амалиётӣ ба ҳисоб меравад, ки мақсад аз ин амал боз ҳам хубтар ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорон ва пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз мебошад.

Дар даҳ моҳи соли равон аз тарафи мақомоти андоз дар асоси 437 амрнома фаъолияти 13876 андозсупоранда, аз ҷумла 565 шахси ҳуқуқӣ ва 9279 соҳибкорӣ инфиродӣ таҳти санҷиши амалиётӣ қарор дода шудаанд. Андозҳои ҳисобшуда бе ҷаримаҳои маъмурӣ 23786 сомониро ташкил медиҳанд, ки аз ин 20381,1 сомонии он ба буҷет таъмин гардидааст. Дар рафти санҷиши амалиётӣ 2605 ҳолати бидуни қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул гардидани шахсони воқеӣ ошкор ва онҳо бо ҳуҷҷатҳои фаъолияти соҳибкорӣ таъмин шуданд. Инчунин, дар рафти санҷишҳои амалиётӣ 211 шахси ҳуқуқӣ ва 415 соҳибкори инфиродӣ бо мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (МНХ-и дорои ТИЭ) таъмин гардиданд.

Тавре сардори шуъбаи Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шаҳриёр Авғонов иттилоъ дод, дар ин давра Дастгоҳи марказии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2618 санҷиши амалиётӣ ба маблағи 18649 сомонӣ, шаҳри Душанбе 1348 санҷиши амалиётӣ ба маблағи 1714,7 сомонӣ, вилояти Суғд 4120 санҷиши амалиётӣ ба маблағи 9868,7 сомонӣ, вилояти Хатлон 2828 санҷиши амалиётӣ ба маблағи 13117 сомонӣ, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 396 санҷиши амалиётӣ ба маблағи 160,6 сомонӣ, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 2500 санҷиши амалиётӣ ба маблағи 2513,8 сомонӣ, НАК 25 санҷиши амалиётӣ ба маблағи 7390 сомонӣ ва НАМ 41 санҷиши амалиётӣ ба маблағи 13575 сомонӣ гузаронидааст. Дар давраи гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ барои риоя накардани қонунгузориҳои андоз ба маблағи 897 ҳазор сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ татбиқ шудааст.

Мақомоти ҳудудии андоз дар рафти гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ 512 ҳолати бе қайд дар мақомоти андоз ба иҷора додани объектҳои молу мулки ғайриманқули шахсони воқеиро ошкор намудаанд. Аз ҷумла, аз ҷониби шуъбаи санҷишҳои амалиётии Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз 48 нафар, шаҳри Душанбе 38 нафар, вилояти Суғд 131 нафар, вилояти Хатлон 95 нафар, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 178 нафар ва ВМКБ 22 нафар шахси бе қайд дар мақомоти андоз ба иҷора додани объектҳои молу мулки ғайриманқул ошкор гардид. Молу мулки ошкорнамудаи ба иҷорадодашуда дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шуда, нисбати соҳибмулкон андозҳои иловагӣ ҳисоб ва пардохти маблағ ба буҷет таъмин шудааст.

Ҳамзамон, дар натиҷаи санҷишҳои амалиётӣ дар фаъолияти андозсупорандагон 3381 нафар коргари кироии иловагӣ, ки бе шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб гардидаанд, ошкор шудааст. Дар натиҷа, коргарони кироя бо шартномаҳои меҳнатӣ таъмин ва нисбати андозсупорандагони мазкур барои риоя накардани тартиби нигоҳ доштани андоз дар манбаи пардохт протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудаанд.

Мавсуф гуфт, ки дар ин давра 50 шахси ҳуқуқӣ, 577 соҳибкори инфиродӣ бо ҳуҷҷати соҳибкорӣ ва 2536 нафар бо патент таъмин гардиданд. Инчунин, дар рафти санҷишҳои амалиётӣ 27 нуқта ба миқдори 20 адад моли беаксиз ва тамғаҳои аксизии қалбакӣ ошкор ва пешгирӣ карда шуд.

Зикр шуд, ки дар ин зимн нозиротҳои андози баъзе шаҳру ноҳияҳо ҳангоми санҷишҳои амалиётӣ коргарони кироии ба кор ҷалбшудаи бақайди мақомоти андозро ошкор ва пешгирӣ накардаанд, ки ҳолати мазкур ба иҷрои қисми даромади буҷети давлатӣ, хусусан андози иҷтимоӣ таъсири манфӣ расонидааст. Масалан, тибқи ҳисоботи пешниҳодгардида ба Кумитаи андоз, нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Ашт, Зафаробод, Истиқлол, Спитамен, Кӯҳистони Мастчоҳ, Левакант, Кушониён, Панҷ, Қубодиён, Темурмалик, Ҳамадонӣ, Данғара,, Балҷувон, Восеъ, Нуробод, Сангвор, Шуғнон, Ишкошим, Рушон, ва Ванҷ дар даҳ моҳи соли 2019 дар рафти санҷишҳои амалиётии андоз коргарони кироии бақайдро умуман ошкор накардаанд.

- Натиҷаи фаъолияти гурӯҳҳои корӣ нишон дод, ки дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳо захира ва имкониятҳои зиёде мавҷуданд, аз ин рӯ, ба андозбандӣ фаро гирифтани манбаъҳо аз ҳар як корманди мақомоти андоз масъулияти баланд ва иҷрои босифати ӯҳдадориҳои мансабиро тақозо менамояд, - мегӯяд Ш. Афғонов. - Сарфи назар аз вуҷуд доштани қонунвайронкуниҳои андоз, бархе аз мақомоти ҳудудии андоз дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ санҷишҳои амалиётии андозро намегузаронанд ва ё онро дуруст ба расмият намедароранд. Масалан, дар ин давра аз тарафи нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Панҷ, Роштқалъа, Ванҷ ва Кӯҳистони Мастчоҳ ягон адад санҷиши амалиётӣ гузаронида нашудааст.

Ёдрас мешавем, ки санҷишҳои амалиётӣ самти афзалиятноки соҳа буда, дар раванди иҷрои қисми даромади буҷет омили таъсиррасон мебошад. Аз ин рӯ, мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки ба самти мазкур аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намоянд.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

# Амалиёти муштарак чӣ натиҷа дод?

**Бо мақсади назорати иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», назорати иҷрои талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санҷиши дурустии ҳисоб ва пардохти андоз аз воситаҳои нақлиёт, ҳолати бақайдгирӣ ва ҳолатҳои дар мӯҳлатҳои муқарраршуда аз муоинаи техникӣ гузаштани воситаҳои нақлиёт, андозбандии иҷораи воситаҳои нақлиёт дар истгоҳҳо, таваққуфгоҳҳо ва хатсайрҳои мусофиркашонии ҳудуди ноҳияи Сино Гурӯҳи кории Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе санҷиши амалиётӣ анҷом дод.**

Ба гуфтаи роҳбари Гурӯҳи корӣ - мутахассиси Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Оятулло Иноятов, дар рафти гузаронидани санҷиши амалиётӣ дар истгоҳҳо, таваққуфгоҳҳо ва хатсайрҳои мусофиркашонии ҳудуди ноҳияи Сино фаъолияти 415 нафар субъекти хоҷагидор таҳти санҷиши амалиётӣ қарор гирифтааст. Дар натиҷа, 90 ҳолати бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти хизматрасонии нақлиётӣ машғул гардидани шахсони воқеӣ ошкор шуда, дар натиҷаи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ 65 нафар шахси воқеӣ барои машғул шудан ба хизматрасонии нақлиётӣ - кашонидани мусофирон бо ҳуҷҷатҳои соҳибкорӣ - патент таъмин гардиданд. Ҳамзамон, парвандаи бақайдгирии 18 нафари дигар дар марҳалаи бақайдгирӣ дар бахши бақайдгирии давлатӣ дар ноҳияи Сино қарор доранд ва маблағи моҳонаи патенти онҳо 12,4 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки пурра ба вориди буҷет гардидааст.

О. Иноятов қайд кард, ки дар натиҷаи гузаронидани рейдҳои муштарк бо кормандони шуъбаи БДА дар ноҳияи Сино нисбати 58 адад ронандаи воситаҳои нақлиёти гуногунтамға барои сари вақт нагузаштан аз муоинаи ҳатмии техникӣ ё идора кардани нақлиёт бе пардохти андоз аз воситаҳои нақлиёт тибқи талаботи моддаи 315 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ шудааст. Инчунин, дар ин давра дар доираи чорабинии Амалиёти "Муоинаи техникӣ" 1127 нафар шахси воқеӣ аз муоинаи ҳатмии давлатии техникӣ гузаштанд, ки аз ин ҳисоб, дар маҷмӯъ, 533,9 ҳазор сомонӣ маблағи андоз аз воситаи нақлиёт ба буҷети давлатӣ ворид гардид.

Тибқи иттилои манбаъ, Гурӯҳи корӣ ҳангоми гузаронидани корҳои назоратӣ нисбати 10 нафар андозсупорандае, ки бе қайди мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул гардидаанд, бо дастрасии моддаи 617 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 16,5 ҳазор сомонӣ протоколҳои маъмурӣ тартиб додааст.



Аз натиҷаи фаъолияти Гурӯҳи корӣ бармеояд, ки гарчанде аз ҷониби Нозироти андоз дар ноҳияи Сино дар ин самт як қатор корҳо ба анҷом расидаанд, аммо онҳо қонеъкунанда нестанд. Чунки ҳоло ҳам шумораи зиёди шахсони воқеӣ бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ дар самти хизматрасонии нақлиётӣ- кашонидани мусофирон машғуланд.

Чунончи, дар натиҷаи гузаронидани санҷишҳои амалиётии муштарак муайян гардид, ки шаҳрванд Олим Алиев, истиқоматкунандаи ноҳияи Шаҳринав, бо воситаи нақлиёти шахсиаш, тамғаи "Чанган", бе қайд дар мақомоти андоз ба хизматрасонии нақлиётӣ-кашонидани мусофирон машғул гардидааст. Дар натиҷа, нисбати ӯ бо дастрасии моддаи 617 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 1650 сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ татбиқ шуда, ҳамзамон соҳибкор бо патент таъмин гардид.

Ба ҳамин монанд, шаҳрванд Ҳусниддин Гадойбоев, сокини шаҳри Истаравшан, дар қайди ширкати хизматрасонии нақлиётии ҶСК "Нақлиёт" буда, бе қайд дар мақомоти андоз ба хизматрасонии нақлиётӣ - кашонидани мусофирон бо воситаи нақлиёти сабукрав машғул гардидааст. Дар натиҷа, нисбати ӯ низ бо дастрасии моддаи 617 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 1650,0 сомонӣ протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб гардида, ҳамзамон ҳуҷҷатҳои таъсисии он ҷиҳати бақайдгирӣ ба сифати андозсупоранда дар баррасии бахши бақайдгирӣ қарор дорад.

Ҳамин тариқ, дар рафти санҷиши амалиётӣ 90 ҳолати бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти хизматрасонии нақлиётӣ машғул гардидани шахсони воқеӣ муайян шуд ва дар натиҷаи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ 65 нафар шахси воқеӣ барои машғул шудан ба хизматрасонии нақлиётӣ - кашонидани мусофирон бо ҳуҷҷатҳои соҳибкорӣ таъмин шуданд.

Инчунин, тавре дар натиҷаи гузаронидани санҷишҳои амалиётии муштарак аз ҷониби Гурӯҳи корӣ бо кормандони шуъбаи БДА дар ноҳияи Сино муайян гардид, як қатор шаҳрвандоне, ки воситаи нақлиётро идора мекарданд, аз муоинаи ҳатмии техникӣ нагузашта, андоз аз воситаҳои нақлиётро ба буҷет пардохт накардаанд. Дар натиҷа, онҳо мавриди андозбандӣ қарор дода шуда, барои гузаронидани муоинаи техникӣ равона шуданд.

Масалан, шаҳрванд Ибодуллоҳ Файзов, сокини ноҳияи Сино, ки воситаи нақлиёти тамғаи Шакман, рақами қайди давлатиаш 8937СТ01 –ро идора мекард, чуноне муайян шуд, бо вуҷуди аз муоинаи техникӣ нагузаштанаш, маблағи андоз аз воситаи нақлиётро низ пардохт накардааст. Ҳамин тавр, бо И. Файзов вобаста ба талаботи қонунгузорӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуда, бо татбиқи ҷаримаи маъмурӣ ва пардохти андоз аз воситаи нақлиёт ба маблағи 2295,0 сомонӣ номбурда аз муоинаи ҳатмии техникӣ гузашт.

Ҳамин ҳолат дар фаъолияти сокини ноҳияи Шаҳринав Олим Алиев низ ошкор гардид. Номбурда воситаи нақлиёти тамғаи Чанган, рақами давлатиаш 3094НР01-ро, бе таъмини пардохти андоз аз воситаи нақлиёт, идора карда, аз муоинаи ҳатми техникии давлатӣ нагузаштааст. Дар натиҷа, бо татбиқи ҷаримаи маъмурӣ ва таъмини пардохти андоз аз воситаи нақлиёт шаҳрванди мазкур барои гузаштан аз муоинаи ҳатмии техникии давлатӣ равон карда шуд.

Гурӯҳи корӣ дар рафти фаъолият дар сурогаи ҳуқуқии хатсайрҳои мусофиркашонӣ рӯйхати соҳибкоронеро, ки аз ин ҷамъиятҳо роҳхат мегиранд, дастрас карда, дар асоси барномаи компютерӣ масъалаи бақияи қарзи андози чунин соҳибкорон ва ҳолати дар қайди мақомоти андоз будани онҳоро мавриди таҳлил қарор дод. Дар натиҷа, аз ҳисоби 321 адад ронандае, ки бақияи қарзи андоз доштанд, 84,1 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид гардид.

Инчунин, нисбати шахсони ҳуқуқие, ки эъломияи андоз аз воситаҳои нақлиёти худро пешниҳод накарда буданд, ҷарима таъин ва эъломияҳои андоз аз воситаҳои нақлиёт ба мабалғи 6,6 ҳазор сомонӣ барқарор шуданд. Аз ҷумла, аз ҳисоби ҷамъиятҳои дорои масъулияташон маҳдуди "Бобо-Пойтахт", "Диловар-нақлиёт", "Рамзи Хуршеди" ва КВДҶХН "Тоҷикниҳолпарвар" эъломияи андоз аз воситаҳои нақлиёт барқарор гардид.

Чунин ҳолатҳои ногувор кормандони мақомоти андозро водор сохтааст, ки аз қонуншиканиҳои бархе аз андозсупорандагон пешгирӣ кунанд ва бо мақсади муайян намудани манбаъҳои аслии андозбандишаванда дар фаъолияти онҳо корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратиро тақвият бахшанд. Аз ин хотир, ҳар андозсупорандаро зарур аст, ки фаъолияти худро тибқи қонунгузории андоз ба роҳ монад.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Фаъолияти соҳибкорӣ

Дар заминаи дастгириҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти соҳибкорӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар сол аз сол рушду такомул мейёбад. Дастгирии давлатӣ нисбати фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба туфайли пешниҳоди имтиёзҳо, дигар сабукиҳои бақайдгирии давлатӣ дар мақомоти андоз ва пардохти андозҳо амалӣ карда мешаванд. Роҳандозӣ гардидани ин тадбирҳо имрӯз шароиту имконияти васеъ ва фазои озодро барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар мамлакат ба вуҷуд оварда истодааст.

Тибқи маълумоти дастрасшуда аз Нозироти андози ноҳияи Бобоҷон Ғафуров теъдоди соҳибкороне, ки дар мақомоти андоз ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд, ҳамасола меафзоянд. Масалан, аз аввали соли 2019 инҷониб дар нозироти андози ноҳия 931 соҳибкори дар асоси патент фаъолиякунанда, 155 соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома амалкунанда, 226 хоҷагии деҳқонӣ ва 41 адад шахси ҳуқуқӣ ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд.

Дар ин давра теъдоди соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома амалкунанда 940 нафар, бо патент фаъолияткунанда 4 ҳазору 810 нафар, хоҷагиҳои деҳқонӣ 6 ҳазору 353 ададро ташкил медиҳанд. Ин рақамҳо, дар маҷмӯъ, аз ҳамасола афзудани шумораи умумии сокинони ноҳия, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мешаванд, дарак медиҳанд.

Ба санаи 1-уми ноябри соли ҷорӣ воридоти маблағҳо ба буҷети давлатӣ аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорони тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда 29 миллион сомониро ташкил дода, афзоиш нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба 114,0% баробар шуд. Аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорони бо патент амалкунанда дар ин давра ба буҷети давлатӣ 12 миллиону 750 ҳазору 425 сомонӣ маблағ ворид гардидааст, ки афзоиши маблағи андозҳои воридшуда 123,2%-ро ташкил медиҳад.

Дар даҳ моҳи соли равон нақшаи ҷамъоварии андозҳо дар ноҳия, дар маҷмӯъ, 101,5% иҷро шудааст. Ҷамъоварии маблағи андоз аз ҳисоби патент 115,0%, андоз аз арзиши иловашуда 113,8%, аксизҳо 259,3%, андозҳо барои захираҳои табиӣ 135,1%, андоз аз ҳисоби субъектҳои бизнеси хурд 130,0%, андозҳои маҳаллӣ аз шахсони воқеӣ-106,% таъмин гардидааст.

**Тоҳирҷон ШАРИФӢ,**
**вилояти Суғд**



# Чораҳо баҳри коҳиш додани қарзи андоз

**Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Конибодом имрӯзҳо дар ҳамкорӣ бо Нозироти андози шаҳр баҳри кам намудани бақияпулии андоз тадбирҳои зарурӣ андешида истодаанд.**

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Конибодом тасмим гирифтааст, ки нисбати хоҷагиҳои деҳқоние, ки аз пардохти андоз саркашӣ менамоянд, дар асоси талаботи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҷӯӣ намояд. Яъне, соҳибони хоҷагиҳои деҳқоние, ки қарзи андози худро дар назди буҷети давлатӣ пардохт намекунанд ва бар замми он ба афзоиши қарзи андоз роҳ медиҳанд, минбаъд аз сертификати ҳуқуқи истифодаи замин маҳрум карда мешаванд. Дар ин бобат раиси шаҳри Конибодом Зафарбек Давлатзода зимни суханронӣ дар ҷаласаи корӣ бо иштироки роҳбарияти мақомоти маҳаллӣ, андоз ва прокуратура хабар дод.

Ба ҳолати имрӯза бақияи қарзи андоз дар шаҳри Конибодом наздик ба 4 миллион сомонӣ мебошад. Аз ин маблағи қарзи андоз 2,5 миллион сомониаш ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд. Ин дар ҳолест, ки шаҳри Конибодом соли равон, яке аз аввалинҳо шуда дар вилояти Суғд нақшаи ҷамъоварии пахтаро таъмин намуд. Аммо кӯҳантарин ва калонтарин коргоҳи истеҳсоли равған дар шаҳр имрӯз бефаъолият аст. Ҳамзамон, 21 адад корхонаи дигари саноатии шаҳр низ имрӯз умуман фаъолият намекунанд.

Ба гуфтаи сардори Нозироти андози шаҳри Конибодом Азиз Аҳмадзода, бо Фармоиши раиси шаҳри Конибодом дар ҳама ҷамоатҳо оид ба кам намудани бақияпулии андоз Ситоди корӣ созмон дода шуда, корбарӣ дар ин самт вусъат гирифтааст. Ба ҳайати Ситоди корӣ кормандони масъули мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ, андоз, молия, идораи замини шаҳр шомил ҳастанд. Ҳайати Ситоди корӣ дар бинои ҳама ҷамоатҳои шаҳр корбарӣ намуда, сарварон ва муҳосибони хоҷагиҳои деҳқонӣ, дигар шаҳрвандони қарздор аз буҷети давлатиро даъват намуда, онҳоро барои пардохти қарзи андозашон тибқи Фармоиши раиси шаҳри Конибодом уҳдадор намуда истодаанд.

Боиси нигаронист, ки бо вуҷуди чораҳои андешидашуда, то ҳол дар шаҳри Конибодом, қариб 300 адад хоҷагии деҳқонӣ бидуни қайди давлатӣ дар мақомоти андоз ба фаъолият ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ғайриқонунӣ машғул мебошанд.

Бояд таъкид намуд, ки дар шаҳри Конибодом имконият ва манбаъҳо барои иҷрои нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ зиёданд. Танҳо аз он мебояд оқилона ва самаранок истифода кард.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА, вилояти Суғд**

Яке аз мушкилоте, ки мутахассисони соҳаи андозро ба ташвиш овардааст, афзоиши бақияи қарзи андозҳо ва сари вақт пардохт нагардидани андоз аз тарафи андозсупорандагон мебошад.

# Мушкилоти бақияи қарз



Ҳуқуқшиноси Раёсати андоз дар вилояти Хатлон Бахтиёр Каримов дар робита ба ин масъала изҳор дошт, ки қисмате аз андозсупорандагон бо дарёфти имконият бақияи қарзи андозҳо зина ба зина пардохт намуда истодаанд. Аммо дар ин миён андозсупорандагоне ҳастанд, ки қарзҳои худро пардохт намекунанд, ки ин нигаронкунанда боқӣ мемонад.

- Хусусан, Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Шамол»-и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ тибқи санади судӣ аз соли 2018 №2-296/18 оид ба рӯёнидани маблағи қарзи андоз бо ҳаҷми 256 ҳазору 396 сомонӣ, Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди Суҳроби Ҷамол аз соли 2018 бо маблағи 1814285 сомонӣ, Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Деҳсохтмон - 11»-и ноҳияи Хуросон ба маблағи 786365 сомонӣ бақияи қарзи андоз доранд ва то ҳол масъалаи қарзи онҳо ҳалли худро пайдо накардааст, - афзуд Б.Каримов. – Мувофиқи моддаҳои 16 ва 296 Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон варақаи иҷро дар асоси санади судие, ки суди иқтисодӣ қабул намудааст, барои рӯёнидани маблағи пулӣ ба фоидаи буҷет ба роҳбарони ҷамъиятҳои мазкур дастрас гардид, ки иҷрои санадҳои судие, ки эътибори қонуни пайдо намудаанд, ҳатмӣ мебошад ва бино бар хунукназарии роҳбарони ҷамъиятҳои номбурда ҳалнома, варақаи иҷрои суди иқтисодии вилояти Хатлон бе иҷро боқӣ мондааст.

Бахтиёр Каримов илова кард, ки хоҷагии деҳқонии «Ҳайдар Қосимов»-и ноҳияи Вахш маблағи 142644 сомонӣ аз андоз қарздор мебошад ва дар самти пардохти бақияи қарз ҳалномаи судӣ то имрӯз бетаъсир монд. Кооперативи истеҳсолии «Тугай»-и шаҳри Норак, ки бақияи қарзи андозаш 12069 сомониро дар бар мегирад ва Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Универсал-Строй»-и шаҳри Левакант, ки маблағи бақияи қарзи андозаш 64875 сомонӣ аст, дар ҳамин шакл нисбаташон суд ҳалномаи худро баровардааст, вале то кунун ин андозсупорандагон бақияи қарзи худро кам накардаанд.

Шамсулло Сафарзода, сардори шуъбаи қарзҳои Раёсати андози вилояти Хатлон иттилоъ дод, қисми зиёди масоҳати заминҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ, ки аз ҳисоби андозҳо ва дигар пардохтҳо дар назди буҷет қарздор буданд, тақрибан 3 – 4 сол қабл дар асоси қарорҳои дахлдори раисони шаҳру ноҳияҳо таҷдид шуда, маблағи қарзи андозҳояшон ба хоҷагиҳои навтаъсис тақсим карда нашуда, то ҳануз муаллақ боқӣ мондаанд. Шумораи хоҷагиҳои мазкур дар сатҳи вилоят 156 адад ва бақияи қарзи андозҳои онҳо маблағи 17,5 млн сомониро ташкил медиҳад.

Ёдовар мешавем, ки тибқи талаботи қисми 1-и Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 апрели соли 2003 таҳти №1054 «Дар бораи механизми батанзимдарории қарзҳои корхона ва ташкилотҳои кишоварзии аз нав ташкилшуда ва дар ҳолати азнавташкилдиҳӣ қарордошта» аз ҷониби комиссияҳои давлатии азнавташкилдиҳӣ ваислоҳоти ташкилотҳои кишоварзӣ қарзи субъектҳои хоҷагидори мазкур бояд байни хоҷагиҳои кишоварзии дар заминаи онҳо ташкилшаванда вобаста ба ҳиссаи қитъаи замини гирифтаашон тақсим мегардид.

Дар асоси муқарароти қисми 7-и моддаи 60 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсоне, ки заминҳои шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда – корхонаҳои кишоварзӣ ба онҳо дода мешавад, аз рӯи маблағи боқимондаи ҳамин шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда масъулияти иловагӣ доранд.

- Мутаасифона, аз ҷониби комиссияи дахлдор ҳангоми азнавташкилдиҳӣ (таҷдид)-и хоҷагиҳои кишоварзӣ ва дар заминаи онҳо ташкил намудани хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ (фермерӣ) талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ риоя нашуда, маблағи бақияи қарзи андозҳо ба хоҷагиҳои навтаъсис тақсим нагардидааст, ки дар натиҷа ҳолати мазкур боиси давра ба давра беасос зиёд шудани бақияи қарзи андозҳои соҳаи кишоварзӣ гардидаанд, - афзуд Ш. Сафарзода.

Бо дарназардошти ҳолатҳои қайдгардида ва бо мақсадиислоҳи камбудиҳои ҷойдошта комиссияҳои давлатии азнавташкилдиҳӣ ва ислоҳоти ташкилотҳои кишоварзиро зарур аст, ки дар пурра риоя намудани қисми 1 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қисми 7, моддаи 60 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки сардорони нозиротҳои андоз, мусоидат намоянд.

**С.РУСТАМ, «Боҷу хироҷ»**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Налоговые органы СНГ обменяются информацией о доходах и имуществе бизнеса и физлиц

**Страны СНГ впервые обменяются налоговыми данными в автоматическом режиме в 2020 году**

Налоговые органы стран СНГ договорились о начале автоматического обмена сведениями о доходах и имуществе компаний и граждан, заявил первый вице-премьер, глава Минфина Антон Силуанов на заседании координационного совета глав налоговых служб стран СНГ, пишет РБК.

Стоит отметить, что Россия уже участвует в глобальном автоматическом обмене налоговыми сведениями с 88 юрисдикциями — это 76 стран и 12 территорий. Но из восьми других стран СНГ пока к автообмену подключился только Азербайджан.

Для автообмена внутри СНГ налоговики стран-участниц утвердили форматы протоколов. Отчеты будут включать данные о доходах компаний и граждан, которые были получены в другой стране, а также их транспортных средствах и недвижимости за границей, сообщили в ФНС РФ. «С Азербайджаном будем обмениваться данными на латинице, все остальные страны приняли русский язык за основу», — заявил руководитель ФНС Михаил Мишустин.

Протокол об обмене сведений в СНГ уже утвердили Казахстан и Киргизия, в РФ процедура должна завершиться до конца 2019 г. Для обработки сведений еще предстоит создать программное обеспечение. Тестовый обмен намечен на август 2020 г., а на постоянной основе он будет производиться с 2021 г.

**Источник: http://taxpravo.ru**

**Кормандони мақомоти андоз бо мақсади таъмини риояи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012 таҳти №451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродӣ, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» ва дар ин замина дарёфт намудани сарчашмаҳои нави андозбандӣ ва воридоти маблағҳои иловагӣ ба буҷети давлатӣ корҳои назоратӣ гузаронида истодаанд.**

# Натиҷаи корҳои назоратӣ



Бино ба маълумоти сардори Нозироти андози шаҳри Исфара Шуҳрат Мирзоев бо мақсади бақайдгирии андозсупорандагони нав, баҳисобгирии иҷораи молу мулки иҷорадиҳандагон, азнавбақайдгирии молу мулки ғайриманқули шаҳрвандон, дуруст истифода намудани мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ, гузоштани тамғаҳои аксизӣ, фурӯши молҳои зераксизӣ ва дар маҷмӯъ, дарёфт намудани сарчашмаҳои нави андозбандӣ мутобиқи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 4-ум то 20-уми ноябр соли ҷорӣ дар ҳудуди шаҳр санҷиши амалиётӣ гузаронида шудааст. Санҷиши амалиётӣ барои дарёфти манбаҳои нави андозбандӣ кӯчаҳои ба номи Бобоҷон Ғафуров, Бобо Маҳкамов, Ҷомӣ ва дигар кӯчаҳои марказиро дар бар гирифт. Дар натиҷаи гузаронидани санҷиши амалиётӣ дар фаъолияти соҳибкороне, ки дар ҳудуди ин кӯчаҳои шаҳри Исфара ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул ҳастанд, зиёда аз 100 ҳазор сомонӣ маблағҳои иловагии андоз ҳисоб ва ба буҷети давлатӣ ворид карда шудаанд.

Айни ҳол дар асоси Амрномаҳои сардори Раёсати андози вилояти Суғд ва Фармоиши сардори Нозироти андози шаҳри Исфара санҷиши амалиётии муштараки кормандони мақомоти андоз ва шуъбаи Бозрасии давлатии автомобилӣ дар хатсайрҳои нақлиёти автомобилӣ доир гардида истодааст.

Дар натиҷаи санҷиши амалиётии Гурӯҳи корӣ дар шаҳри Исфара нисбати 13 нафар соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ, ки тавассути нақлиёти худ ба фаъолияти соҳибкорӣ, бидуни қайди давлатӣ дар мақомоти андоз машғул буда, ба қонунвайронкунии андоз роҳ додаанд, мутобиқи муқаррароти Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудаанд. Умуман, аз ҷониби кормандони мақомоти андози шаҳри Исфара дар моҳи ноябри соли ҷорӣ, маҷмӯан, дар фаъолияти 63 адад андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида, 306 ҳазору 774 сомонӣ маблағҳои иловагии андоз ба ҳисоби буҷет рӯёнида шудаанд.

- Дар Нозироти андози шаҳри Исфара ба масъалаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва андозии андозсупорандагон диққати ҷиддӣ дода мешавад, - мегӯяд Шуҳрат Мирзоев. - Вобаста ба омӯзиши Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, тағйиру иловаҳои ба он воридшуда, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии марбут ба масъалаҳои андоз ва андозбандӣ бо андозсупорандагон пайваста семинар-машварат ва суҳбату мулоқотҳо доир карда мешаванд. Ҳамзамон, барои таҳияи Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 50 пешниҳоди андозсупорандагони шаҳри Исфара аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз дастрас ва ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардидааст.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# Ошкоршавии соҳибкории ғайриқонунӣ

**- Кормандони мақомоти ҳудудии андоз дар 10 моҳи соли ҷорӣ дар асоси 434 амрнома дар фаъолияти 13698 андозсупоранда (1559 шахси ҳуқуқӣ, 9186 соҳибкори инфиродӣ ва 2525 нафар шахсони воқеӣ) санҷишҳои амалиётӣ гузаронидаанд, - гуфт дар суҳбат бо мо сардори шуъбаи санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврӣ оид ба қонуншиканиҳои андози Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Авғонов Шаҳриёр Мирзоалиевич.**



Дар натиҷаи санҷишҳои амалиётии гузаронидашуда аз шумораи умумии андозсупорандагон (13698) дар 2525 ҳолати бидуни қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ машғул гардидани шахсони воқеӣ ошкор гардида, як қисми онҳо бо ҳуҷҷатҳои фаъолияти соҳибкорӣ таъмин шуданд. Дар ин давра аз ҳисоби қонунвайронкуниҳои андоз нисбати 3937 андозсупоранда ба маблағи умумии 9,6 млн. сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ татбиқ гардидааст, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса ба даҳ моҳи соли гузашта 881,0 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Тибқи таҳлилҳо, шумораи протоколҳои татбиқнамудаи аксари мақомоти ҳудудии андоз нисбати шумораи андозсупорандагони беқайди мақомоти андоз ошкоргардида кам мебошад. Чунончи кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Вахш аз 24 андозсупорандаи беқайд, дар маҷмӯъ, бо дарназардошти камбудиҳои ошкоргардида танҳо нисбати 2 андозсупоранда поротокол татбиқ намудаанд, ки хеле кам мебошад.

Дар нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Кулоб аз 147 андозсупорандаи бидуни қайд 22 протокол, Шуғнон аз 12 андозсупорандаи беқайд 4 протокол, Рашт аз 91 андозсупорандаи бидуни қайд 26 протокол, Ховалинг аз 46 андозсупорандаи беқайд 7 протокол тартиб додаанду халос. Аммо дар нозироти андози ноҳияи Балҷувон аз 8 андозсупорандаи бидуни қайд ягон протакол тартиб дода нашудааст.

Дар даҳ моҳи соли 2019 дар рафти гузарондани санҷишҳои амалиётӣ 624 андозсупоранда бо МНХ дорои (ТИЭ) таъмин гардидаанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки мақомоти ҳудудии андоз дар рафти гузарондани санҷишҳои амалиётӣ, ҳамчунин, 511 ҳолати бе қайди мақомоти андоз ба иҷора додани объектҳои молу мулки ғайриманқулро ошкор намудаанд. Аз ҷумла, дар шаҳри Душанбе 10 нафар шахси воқеӣ, вилояти Суғд 248 нафар шахси воқеӣ ва вилояти Хатлон 212 нафар шахси воқеӣ дар ин самт ошкор шуданд.

Ҳамчунин, кормандони Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андоз нисбати андозсупорандагоне, ки таҳти санҷиш қарор гирифтанд, ба маблағи умумии 18,6 млн. сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб намудаанд ва бояд гуфт, ки алҳол 16,7 млн. сомонӣ ё 90 фоизи он ба буҷет таъмин шудааст.

**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# На Украине вопрос о продаже земли иностранцам вынесут на референдум

**Вопрос о продаже земли иностранцам на Украине будет вынесен на всеукраинский референдум, до положительного решения на референдуме продажа и покупка земли иностранцам будет запрещена, заявил в понедельник украинский президент Владимир Зеленский.**

Ранее премьер Украины Алексей Гончарук заявил, что рынок земли в стране будет открыт с 1 октября 2020 года. Зеленский заверил, что право покупать землю получат только украинские граждане и компании. Позже Гончарук заявил, что право на ее покупку также получат компании, конечными бенефициарами которых являются иностранные граждане, при условии, что они более трех лет работают на Украине и платят налоги. Законопроект о рынке земли зарегистрирован в парламенте. Акции против запуска рынка земли проходят в понедельник на главных автомагистралях Украины

«Между первым и вторым чтением в действующий проект закона будут внесены правки, согласно которым право продавать и покупать землю будут иметь только украинские граждане и украинские компании, основанные исключительно украинскими гражданами. Иностранцы и компании, которые имеют среди основателей иностранцев, получат право покупать украинские земли только в случае, если на это будет дано согласие народа Украины на всеукраинском референдуме. Соответствующий пункт будет содержаться в законе», - заявил Зеленский в видеообращении, опубликованном на его странице в Facebook.

Мораторий на продажу сельхозземель действует на Украине уже 14 лет. Международный валютный фонд (МВФ) ждет от Киева принятия земельной реформы, которую власти затягивают уже несколько лет. В парламенте предыдущего созыва не было консенсуса по этому вопросу - ряд фракций выступал против открытия рынка земли, опасаясь, что крупные иностранные корпорации скупят ее у населения по низким ценам.

**Источник: https://ria.ru**

## МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!




Рӯзномаи «Боҷу хироҷ» дар фазои иттилоотии мамлакат ягона рӯзномаи соҳавиест, ки дар он дар бораи масъалаҳои андозу андозбандӣ, низому меъёрҳои андозҳо, имтиёзот ва сабукиҳои андозӣ, хизматрасониҳои мақомоти андоз ба андозсупорандагон, рушди фаъолияти соҳибкорӣ, андоз дар хориҷа ва дигар мавзӯъҳое, ки ба муносибатҳои андозӣ дахл доранд, нашр мешаванд.

Шумо ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ» обуна шуда, метавонед аз ҷониби мутахассисони соҳибкасб ба ҳамаи саволҳои худ доир ба қонунгузории андоз, маъмурикунонии андоз ва ҳуқуқу уҳдадориҳои андозсупоранда ҷавоби мушаххас ва асоснок дарёфт намоед.

Рӯзномаи «Боҷу хироҷ» ва мутахассисони Кумитаи андоз кӯшиш менамоянд, ки маводи рӯзнома ҷолибтар ва барои такмили дониши андозию иқтисодӣ ва ҳалли мушкилоти шумо боз ҳам муфидтар бошанд.



Нархи обуна барои соли 2020 ҳамагӣ **65 СОМОНИРО** ташкил дода, манфиати маводи он ҷиҳати пешбурди самараноки соҳибкории шумо дар давоми сол ба маротиб зиёд хоҳад буд.



**Рӯзномаи «Боҷу хироҷ»**


# Ҷашну маросим набояд воситаи худнамоӣ бошад

**Расму оин ва анъанаву маросим яке аз шаклҳои муҳимтарини шуури ҷамъиятии ҳар як миллату ҷомеа мебошад. Миллати тоҷик вобаста ба шароити таърихӣ ва вазъи иҷтимоию иқтисодии худ аз замонҳои қадим расму оин ва анъанаҳои неку писандидаро эҷод карда, тӯли ҳазорсолаҳо онҳоро такмилу инкишоф додааст ва онҳо имрӯз ба як ҷузъи ҷудонопазири фарҳанги миллии мо табдил ёфтаанд.**

Ҷашну маросиму оинҳои мардуми тоҷик, асосан, дар доираи ду тамаддуни таърихӣ: ориёӣ ва исломӣ ташаккулу такомул ёфтаанд. Қисми бештари расму оин ва ҷашну маросими халқие, ки имрӯз дар байни мардуми мо маъмуланд, маҳсули марҳалаи исломист. Аксари ин расмҳо ҳамчун як рукни фарҳанги миллиамон шинохта шудаанд, вале бо мурури замон ва таҳти таъсири омилҳои гуногун ба тағйироти шакливу маъноӣ дучор шуда, бештар моҳияти зиёфату таом додан ва таом хӯрданро ба худ гирифтаанд. Яъне онҳо имрӯз аслу мақсади асосиашонро то андозае гум кардаанд.

Қисме аз мардуми мо бо сабаби зоҳирпарастии беасос ва пойбанди таассубу ҳурофот будан ба амалҳое даст мезананд, ки дар ягон гӯшаи дигари олам ба назар намерасад. Зоҳирпарастиву исрофкорӣ ва риояи ноогоҳонаи анъана ва расму оинҳои халқиву динӣ, дар навбати худ, садди роҳи баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ хоҳад шуд. Мо расму оинҳоро дар сурате ба як низоми муайян оварда метавонем, ки аслро аз бадал фарқ намоем ва ба арзишу моҳияти воқеии онҳо дуруст сарфаҳм равем.

Дар ин робита, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид кардаанд: «То расму оин ва маросими милливу динии худро ба як низоми муайян надарорем ва хароҷоти беҳудаву зиёдатии мардумро аз байн набарем, бо қабулу татбиқи барномаҳои давлатӣ ва сарфи маблағҳои зиёд дар масъалаи паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ ба натиҷаҳои дилхоҳу назаррас ноил шуда наметавонем».

Расму оинҳо ва ҷашну маросими мардумӣ дар ҳаёти фарҳангию маънавӣ ва моддиву маишии халқи тоҷик таърихи басо тӯлонӣ доранд. Ҳамзистиву омезиши тоҷикон бо мардумони гуногуни дунё, аз ҷумла халқҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ низ дар ташаккули расму оинҳо ва ҷашну маросими халқамон таъсири неке расонидаанд. Баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон ба расму оинҳои пештараи мо ҷашну маросими нави миллӣ ва умумибашарӣ илова шуданд. Бояд гуфт, ки ҷашну оинҳо ва анъанаву маросим дар баробари инкишофу пешрафти ҷамъият метавонанд тағйир ёбанд ва шаклу мазмуни нав гиранд.

Агар амиқтар бингарем, дарк хоҳем кард, ки ҷашнҳо фақат барои хоҳу нохоҳ гузаронидан нест. Ҳадаф дигар аст. Расму оинҳо ва анъанаву ҷашнҳо бояд дар равнақи ваҳдату худшиносии миллӣ, дӯстиву рафоқату якдигарфаҳмӣ, меҳмонпазириву рӯзгордорӣ, ғамхориву шафқат ба ҳамдигар доир шуда, онҳо аҳамияти маънавию тарбиявиро доро бошанд.

Аммо имрӯз, тавре мушоҳида мешавад, баъзе одамон ҷашну маросими мардумиро ҳамчун воситаи худнамоӣ, шуҳратпарастӣ, ба даст овардани обрӯ ва ҳатто мартабаву мақом истифода менамоянд. Чунин амалҳои номатлуб, яъне исрофкорӣ ва афзудани ҳирси ҷамъоварии пулу мол, бешак, боиси пастравии сатҳи маънавиёту рӯзгори қисми зиёди мардуми камбизоат шуда, монеаи пешравии мо ба сӯи тамаддуни умумибашарӣ, сохтани давлати демократию ҳуқуқбунёд ва иҷтимоию дунявӣ мегардад.

Дар шароити имрӯза бояд аз тамоми имкониятҳои мавҷуда мақсаднок ва самарабахш истифода карда шавад. Бархилофи арзишҳои миллӣ ва динӣ сарф кардани маблағ ё захираҳои моддӣ ҳам зиёни иҷтимоӣ ва ҳам гуноҳи динӣ аст. Ҳақро аз ботил ва ҳалолро аз ҳаром фарқ бояд кард. Миллати тоҷик ҳаққи худшиносии комил дорад. Мо аз гузаштаи худ бояд фарҳанги сарфакориро омӯзем. Мероси фарҳангии миллати тоҷик пур аз андарзу ҳикматҳои зидди исрофкорист.

Ёдовар мешавем, ки ҳанӯз 28 августи соли 2017 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба имзо расида буд. Бояд гуфт, ки ҳангоми таҳияи ин қонун, пеш аз ҳама, манфиати халқ ба инобат гирифта шудааст у татбиқи он барои таъмини баробарии иҷтимоӣ равона гардидааст. Ҳадафи дигар, рушди анъанаҳои миллӣ, эҳёву гиромидошти расму оини азбайнрафта, ба таври шоиста муаррифӣ намудани арзишҳои волои фарҳангу тамаддуни қадимаи миллати тоҷик ба ҷаҳониён мебошад.

Ба андешаи мо, муҳим ин аст, ки анъанаву ҷашну маросим бояд омили муайянкунанда ва инкишофдиҳандаи сатҳи маърифати инсонӣ, шуури милливу мазҳабӣ, ваҳдату ягонагӣ ва ахлоқиву ҷисмонии мардум бошад. Эҳтироми инсон, пос доштани хотираи гузаштагон ва таҳкими пайвандҳои хонаводагӣ бояд аслу асос ва ҷавҳари онҳоро ташкил диҳад. Зеро мантиқу ҳикмати баргузории маросим дар лаҳзаҳои шодӣ ва ғам дар паҳлӯи якдигар будани пайвандон мебошад.

Умуман, ба хотири рӯзгори босаодат арзишҳои беҳтарини расму оинҳои миллию диниро оқилона ва одилона бояд истифода кунем.

**Низорамоҳ ШАРИПОВА,**
**омӯзгори Муассисаи таҳсилоти миёнаи умуми №98, ноҳияи Сино**


## СОҲИБКОРОНИ МУҲТАРАМ!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» аз 31.08.2012, №451 шахси воқеие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошад, уҳдадор аст фаъолияти худро ҳамчун соҳибкори инфиродӣ дар асоси патент ва ё шаҳодатнома ба қайди давлатӣ гирад.

Бақайдгирӣ дар нозироти андоз имконият медиҳад, ки давраи фаъолияти шумо ҳамчун собиқаи корӣ ба ҳисоб гирифта шуда, тибқи тартиби муқарраргардида ҳифзи иҷтимоиатон таъмин шавад.

Хотиррасон менамоем, ки дар асоси талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ бе бақайдгирӣ дар мақомоти андоз аз 30 то 40 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, яъне аз 1650 сомонӣ то 2200 сомонӣ ҷарима пешбинӣ гардидааст.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**


## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# В Иркутской области предпринимательница обвиняется в неуплате 23 млн рублей налогов

### Утверждено обвинительное заключение и дело направлено в суд

В Иркутской области завершено расследование уголовного дела генерального директора крупной компании, которая занимается оптовой торговлей отходами и ломом в г. Ангарске. Предпринимательница обвиняется в совершении преступления, которое предусмотрено п. «б» ч. 2 ст. 199 Уголовного кодекса России (уклонение от уплаты налогов в особо крупном размере), пишет РБК.

Следствие считает, что обвиняемая включила в налоговые декларации по НДС за третий квартал 2016 г. и три квартала 2017 г. ложную информацию о налоговых вычетах по фиктивным договорам с шестью контрагентами, которые не осуществляли деятельность. В итоге российская казна не досчиталась 23 млн руб. НДС.

На имущество обвиняемой на сумму 8 млн руб. наложен арест для возмещения ущерба. Прокурором утверждено обвинительное заключение и дело направлено в суд.

# Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли мансабҳои холии зерин озмун эълон менамояд.

| р/т | Номгӯи мансабҳои холӣ |
|---|---|
| **Шуъбаи Нозироти андозсупорандагони калон дар вилояти Суғд** | |
| 1 | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 2 | Сармутахассиси гурӯҳи ситонидани қарзи андозҳо |
| 3 | Мутахассиси пешбари гурӯҳи ситонидани қарзи андозҳо |
| **Шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна дар вилояти Суғд** | |
| 4 | Мутахассиси гурӯҳи баҳисобгирии даромадҳо |
| 5 | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони шаҳри Хуҷанд |
| 6 | Мутахассиси гурӯҳи аудит ва назорати фаврӣ оид ба пешгирии қонуншиканиҳои андоз |
| **Раёсати андоз дар вилояти Суғд** | |
| 7 | Муовини сардори Раёсат - сардори шуъбаи ташкили андозбандӣ |
| 8 | Сармутахассиси шуъбаи ситонидани қарзи андозҳо |
| 9 | Сармутахассиси гурӯҳи санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврӣ оид ба пешгирии қонуншиканиҳои андози шуъбаи санҷиши андозҳо |
| 10 | Мутахассиси гурӯҳи санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврӣ оид ба пешгирии қонуншиканиҳои андози шуъбаи санҷиши андозҳо |
| **Нозироти андоз дар шаҳри Хуҷанд** | |
| 11 | Мутахассиси пешбари шуъбаи баҳисобгирии даромадҳо |
| 12 | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 13 | Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 14 | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 15 | Сармутахассис - сардори гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони бо патент фаъолияткунандаи шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 16 | Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони бо патент фаъолияткунандаи шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 17 | Сармутахассиси шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| **Нозироти андоз дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров** | |
| 18 | Мутахассиси шуъбаи баҳисобгирии даромадҳо |
| 19 | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони бо патент фаъолияткунандаи шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| **Нозироти андоз дар шаҳри Бӯстон** | |
| 20 | Сармутахассис - сармуҳосиб |
| 21 | Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| **Нозироти андоз дар шаҳри Исфара** | |
| 22 | Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 23 | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 24 | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони бо патент фаъолияткунандаи шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 25 | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони бо патент фаъолияткунандаи шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| **Нозироти андоз дар шаҳри Конибодом** | |
| 26 | Сармутахассис – сармуҳосиб |
| 27 | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони бо патент фаъолияткунандаи шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 28 | Мутахассиси пешбари шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| **Нозироти андоз дар шаҳри Истиқлол** | |
| 29 | Сардори Нозироти андоз |
| **Нозироти андоз дар ноҳияи Ҷаббор Расулов** | |
| 30 | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони бо патент фаъолияткунандаи шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| **Нозироти андоз дар ноҳияи Спитамен** | |
| 31 | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони бо патент фаъолияткунандаи шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 32 | Сармутахассиси бахши ситонидани қарзи андозҳо |
| **Нозироти андоз дар ноҳияи Мастчоҳ** | |
| 33 | Сармутахассис – сармуҳосиб |
| 34 | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| **Нозироти андоз дар ноҳияи Зафаробод** | |
| 35 | Мутахассиси пешбари бахши баҳисобгирии даромадҳо |
| 36 | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 37 | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони бо патент фаъолияткунандаи шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 38 | Мутахассиси шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| **Нозироти андоз дар ноҳияи Ашт** | |
| 39 | Сардори Нозироти андоз |
| 40 | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони бо патент фаъолияткунандаи шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 41 | Сармутахассиси бахши ситонидани қарзи андозҳо |
| **Нозироти андоз дар ноҳияи Деваштич** | |
| 42 | Сармутахассис - сармуҳосиб |
| 43 | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 44 | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 45 | Сармутахассиси бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар ноҳияи Деваштич |
| **Нозироти андоз дар шаҳри Истаравшан** | |
| 46 | Мутахассиси пешбари шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| **Нозироти андоз дар ноҳияи Шаҳристон** | |
| 47 | Мутахассиси бахши баҳисобгирии даромадҳо |
| 48 | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| **Нозироти андоз дар шаҳри Панҷакент** | |
| 49 | Сардори шуъбаи баҳисобгирии даромадҳо |
| 50 | Сармутахассиси шуъбаи баҳисобгирии даромадҳо |
| 51 | Мутахассиси пешбари шуъбаи баҳисобгирии даромадҳо |
| 52 | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони бо патент фаъолияткунандаи шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 53 | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони бо патент фаъолияткунандаи шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 54 | Сармутахассиси шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| 55 | Мутахассиси пешбари шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ (2 ҷой) |
| **Нозироти андоз дар ноҳияи Айнӣ** | |
| 56 | Сардори Нозироти андоз |
| 57 | Мутахассиси бахши баҳисобгирии даромадҳо |
| 58 | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 59 | Сармутахассиси бахши ситонидани қарзи андозҳо |
| 60 | Мутахассиси шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| **Шуъбаи Нозироти андозсупорандагони калон дар вилояти Хатлон** | |
| 61 | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 62 | Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 63 | Мутахассиси пешбари гурӯҳи ситонидани қарзи андозҳо |
| **Раёсати андоз дар вилояти Хатлон** | |
| 64 | Мутахассиси пешбар оид ба ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ |
| 65 | Сармутахассиси шуъбаи ситонидани қарзи андозҳо |
| 66 | Мутахассиси пешбари шуъбаи ситонидани қарзи андозҳо (2 ҷой) |
| 67 | Сармутахассиси гурӯҳи санҷиши ҳуҷҷатии андозҳои шуъбаи санҷиши андозҳо |
| 68 | Мудири бахши таъмини ҳуқуқӣ |
| 69 | Мутахассиси пешбари бахши таъмини ҳуқуқӣ |
| 70 | Мутахассиси шуъбаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар вилояти Хатлон |
| **Нозироти андоз дар шаҳри Бохтар** | |
| 71 | Мудири бахши ситонидани қарзи андозҳо |
| **Нозироти андоз дар шаҳри Левакант** | |
| 72 | Мудири бахши баҳисобгирии даромадҳо - сармуҳосиб |
| 73 | Сармутахассиси бахши ситонидани қарзи андозҳо |
| **Нозироти андоз дар ноҳияи Кушониён** | |
| 74 | Сардори шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| 75 | Мутахассиси шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ (2 ҷой) |
| **Нозироти андоз дар ноҳияи Вахш** | |
| 76 | Мудири бахши баҳисобгирии даромадҳо |
| 77 | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 78 | Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 79 | Сардори шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| **Нозироти андоз дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ** | |
| 80 | Сармутахассиси шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| **Нозироти андоз дар ноҳияи Ҷайҳун** | |
| 81 | Сармутахассиси бахши ситонидани қарзи андозҳо |
| 82 | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорлони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 83 | Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорлони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| **Нозироти андоз дар ноҳияи Қубодиён** | |
| 84 | Сармутахассис - сармуҳосиб |
| 85 | Мутахассиси пешбари бахши баҳисобгирии даромадҳо |
| 86 | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 87 | Мутахассиси пешбари шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| **Нозироти андоз дар ноҳияи Шаҳритус** | |
| 88 | Муовини сардор - сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| **Нозироти андоз дар ноҳияи Носири Хусрав** | |
| 89 | Сардори Нозироти андоз |
| 90 | Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| **Нозироти андоз дар ноҳияи Хуросон** | |
| 91 | Мутахассиси пешбари бахши баҳисобгирии даромадҳо |
| 92 | Муовини сардор - сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 93 | Сармутахассиси бахши ситонидани қарзи андозҳо |
| 94 | Мудири бахши ташкили андозбандии шасони воқеӣ |
| 95 | Мутахассиси пешбари бахши ташкили андозбандии шасони воқеӣ |
| **Нозироти андоз дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ** | |
| 96 | Сармутахассиси - сармуҳосиб |
| 97 | Мудири бахши баҳисобгирии даромадҳо |
| 98 | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 99 | Сардори шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| 100 | Сармутахассиси шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| 101 | Сармутахассиси бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ |
| **Нозироти андоз дар ноҳияи Ёвон** | |
| 102 | Сармутахассис-сармуҳосиб |
| 103 | Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 104 | Сармутахассиси бахши ситонидани қарзи андозҳо |
| **Нозироти андоз дар ноҳияи Данғара** | |
| 105 | Сармутахассис - сармуҳосиб |
| 106 | Сармутахассиси бахши ситонидани қарзи андозҳо |
| 107 | Мудири бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар ноҳияи Данғара |
| **Нозироти андоз дар шаҳри Норак** | |
| 108 | Мудири бахши ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| 109 | Мутахассиси бахши ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| **Нозироти андоз дар шаҳри Кӯлоб** | |
| 110 | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони бо патент фаъолияткунандаи шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| **Нозироти андоз дар ноҳияи Восеъ** | |
| 111 | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 112 | Сардори шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| **Нозироти андоз дар ноҳияи Ҳамадонӣ** | |
| 113 | Мудири бахши ситонидани қарзи андозҳо |
| **Нозироти андоз дар ноҳияи Фархор** | |
| 114 | Сармутахассис - сармуҳосиб |
| 115 | Муовини сардор - сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 116 | Мутахассаси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 117 | Мутахассиси шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| 118 | Мудири бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар ноҳияи Фархор |
| **Нозироти андоз дар ноҳияи Муъминобод** | |
| 119 | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| **Нозироти андоз дар ноҳияи Ховалинг** | |
| 120 | Сармутахассиси бахши ситонидани қарзи андозҳо |
| **Нозироти андоз дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин** | |
| 121 | Мудири бахши ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| **Нозироти андоз дар ноҳияи Балҷувон** | |
| 122 | Сармутахассиси бахши баҳисобгирии даромадҳо - сармуҳосиб |
| 123 | Сармутахассиси бахши ситонидани қарзи андозҳо |

| Номгӯи мансабҳо | Андозаи маоши моҳонаи мансабӣ бе дарназардошти собиқаи хизмати давлатӣ (бо сомонӣ) | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Дастгоҳи марказӣ | НАК, НАМ | Раёсатҳои андоз, шуъбаҳои НАК, НАМ дар шаҳру вилоятҳо | Нозироти андоз дар шаҳрҳо | Нозироти андоз дар ноҳияҳо |
| Сардори раёсат | 1983 | - | 1800 | - | - |
| Муовини сардори раёсат | 1630 | - | 1475 | - | - |
| Сардори нозироти андоз | - | 1889 | - | 1151 | 1095 |
| Муовини сардори нозирот | - | 1551 | - | 1151 | 1095 |
| Сардори шуъба | 1334 | 1269 | 1207 | 1151 | 1095 |
| Мудири бахш | 1095 | 1043 | 991 | 944 | 897 |
| Сармутахассис | 988 | 941 | 894 | 852 | 811 |
| Мутахассиси пешбар | 806 | 769 | 733 | 696 | 665 |
| Мутахассис | 665 | 634 | 603 | 572 | 546 |

**Эзоҳ: Ҳангоми мавҷуд будани собиқаи хизмати давлатӣ ба маоши мансабӣ иловапулӣ зам мегардад.**

**Талаботи озмун:** Таҳсилоти олии иқтисодӣ ё ҳуқуқшиносии ба ишғоли мансаби холӣ мувофиқ, донистани муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи андоз, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», забони давлатӣ ва тавонистани кор бо технологияҳои иттилоотӣ.

Ба мансаби сардори Нозироти андоз, сардори шуъба, мудири бахш, сармутахассис ва мутахассиси пешбар шахсоне, ки мутаносибан 5, 4, 3 ва 1 сол собиқаи умумии корӣ ва ё 4, 3, 2 ва 1 сол собиқаи хизмати давлатӣ доранд, инчунин дорои донишу малакаи идоракунӣ ва банақшагирии кор мебошанд, метавонанд довталабӣ намоянд. Довталабони мансабҳои шуъбаю бахшҳои санҷиши андозҳо ва аудити дохилӣ новобаста аз категорияи мансаб бояд на камтар аз 3 сол собиқаи корӣ дар соҳаи дахлдор дошта бошанд.

**Ба озмун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

*- ариза ба унвони роҳбари мақомот (шакли муқарраршуда);*
*- варақаи шахсӣ бо 2 дона расми рангаи 4х6 (бо дасти худ пуркардашуда);*
*- тарҷумаи ҳол (бо дасти худ пуркардашуда);*
*- нусхаи шиноснома;*
*- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот (диплом бо замимааш);*
*- нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА);*
*- маълумотномаи тиббӣ (шакли №038)*
*- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (агар собиқаи корӣ бошад);*
*- маълумот дар бораи даромад ва вазъи молу мулк;*
*- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд);*
*- маълумотнома аз ВКД дар бораи доғи судӣ.*

Ариза ва ҳуҷҷатҳо барои иштирок намудан дар озмун то 20 декабри соли 2019 дар бинои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев – 42/2 шахсан ва ё тариқи электронӣ (www.andoz.tj) қабул карда мешаванд.

Довталабоне, ки ҳуҷҷатҳои худро бо тариқи электронӣ пешниҳод менамоянд, уҳдадоранд, ки дар рӯзи баргузории озмун - суҳбат ҳуҷҷатҳои аслиро пешниҳод намоянд.

Озмун рӯзи 24 декабри соли 2019, соати 8:00 баргузор мегардад.

Телефон барои тамос: 2-33-06-83

**Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# Хурофоту ифротгароиро дастаҷамъона метавон аз байн бурд

Терроризму даҳшатафканӣ аз ҷумлаи хатарҳое маҳсуб мешаванд, ки дар замони муосир пешорӯи башарият қарор гирифтаву амаликунандагони он бо ҳадафҳои гурӯҳӣ ё фардӣ пайваста даст ба аъмоли нангин мезананд. Ҳарчанд чунин зуҳуроти номатлуб тӯли таърих ҳамеша мавҷуд будаву инсоният аз оқибатҳои бади он огоҳ аст, дар чанд соли охир ифротгароиву терроризм дар шаклҳои наве зуҳур карда, ба мушкилоти аввалиндараҷаи сайёра мубаддал гардидаанд.

Дар асл ҳеҷ як давлатеро наметавон пайдо намуд, ки ин зуҳуротро маҳкум накунад ва ё бо ҳар роҳ бар муқобили он мубориза набарад. Аммо, коршиносон бар он боваранд, ки бо вуҷуди талошҳои зиёди кишварҳои олам дар мубориза бо ин хатарҳо - терроризму ифротгароӣ ҳамоно чун мушкили рақами яки сайёра боқӣ мемонанд.

Гурӯҳу равияҳои иртиҷоӣ ё шахсони алоҳида ҳамеша барои даст задан ба террор баҳонаҳои мухталиф доранд. Агар дар гузашта унсурҳое ба мисли қабилагароӣ, таассуби нажодӣ ва амсоли он боиси ифроту тафрит мегардид, дар чанд даҳсолаи ахир ин раванд то андозае ба худ хусусияти динӣ касб намудааст. Гурӯҳҳои тундгаро бо истифода аз дин, махсусан дини ислом, ки таълимоташ, аслан, чунин кирдорро маҳкум намудаву бар муқобили ҳама гуна зулму истибдод аст, таблиғоти густардаи худро ба роҳ монда, дар ниқоби дин ғояҳо ва ҳадафҳои манфиатҷӯёнаи худро пиёда месозанд. Ҷомеашиносон хурофот дар дин ва тафаккури хурофотиро яке аз сабабҳои гаравидани шахсони ноогоҳ ба ҳизби ҳуракатҳои ифротӣ маънидод менамоянд.

Мутаассифона, тафаккури хурофотӣ имрӯз низ ҷомеаи моро таҳдид мекунад ва дар ҳоле ки бархӯрдҳои сиёсию динӣ дар гӯшаю канори сайёраи Замин ташаннуҷ пайдо менамоянд, рӯ овардан ба илму хирад ва пайвастан ба фарҳанги воқеиятпарасти миллӣ роҳҳали сазовор мебошад.

Тавре ҷомеашинос Нозим Нуров мегӯяд, хурофот ва тафаккури хурофотӣ аз мушкилоти зеҳнию фикрии ҷомеа сарчашма мегирад ва дар ҳар даврy замон, вобаста ба доираи донишу маърифати табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ дар шаклҳои гуногун арзи ҳастӣ мекунад. Ҳар қадар таассубу хурофот дар ҷомеа реша давонад, ҳамон қадар каҷравию мушкилиҳои равонӣ, ахлоқӣ, маданӣ ва сиёсӣ - мафкуравӣ зиёд мегардад ва инсонҳоро аз рушду инкишофи зеҳнию ақлонӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ бозмедорад.

Бо рушди рӯзафзуни илмҳои навин маҷмӯи боварҳои хурофотие, ки аз шинохти нодурусти ҳодисаву воқеаҳо сарчашма мегирифтанд, рӯ ба завол ниҳоданд. Пешрафти илм имконияти мусоид фароҳам овард, ки бовару этиқодоти хурофотӣ тадриҷан аз саҳнаи зиндагии инсонҳо берун раванд ва ҷойро ба донишҳои нав ва тасаввуроти тоза бидиҳанд.

Ба таъкиди номзади илмҳои фалсафа Исомиддин Шарифзода, решаи аслии хурофот нодонӣ аст. Инсон дар баробари ҳаводиси рӯзафзуни табиат ҳамеша дучори мушкил аст. Асли ин мушкил аз он маншаъ мегирад, ки агарчи берун аз табиаб вуҷуд дошта наметавонад, боз ҳам дар мутобиқшавӣ бо равандҳои табиӣ нисбат ба дигар намудҳои зинда осебпазир аст. Инсонҳо дар шароитҳои гуногун вобаста аз вазъиятҳои бавуҷудомада роҳҳои гуногуни ҳалли мушкилро меҷӯянд.

И. Шарифзода гуфт, ки ҷомеаи хурофотзада афроди хурофотиро тарбият мекунад, ки онҳо ҳамеша эҳсосианд ва думболи муъҷизот мегарданд. Ҳамин аст, ки ҳамеша осебпазир ва содабовар боқӣ мемонанд. Ҷомеаашон аз ҳамдигар зид буда, кӯшиш менамоянд дар чеҳраи ҳар кас як «мушкилкушое» - ро ҷустуҷӯ намоянд. Ин гуна мушкилкушоён ҳамон нафароне хоҳанд буд, ки боз дукондори хурофотанд ва аз нодонии мардумон тиҷорати хешро гардон месозанд. Барои бурунрафт аз ин вазъ зарур аст, ки ниҳодҳои иҷтимоиеро бо вазифаю таъйинот муҷаҳҳазу сафарбар кард, ки аз роҳи илм ва донишҳои ақлониву мантиқӣ ба вазъиятҳои равонӣ ва ниёзҳои моддиву маънавии ҷомеа посухгӯ бошанд.

**Нозим Нуров хурофотро ба се қисм таркиб кардааст:**

1. Хурофоте, ки ҷанбаи фардӣ (шахсӣ - инфиродӣ) дорад. Ин гуна хурофот ақоидеро дар бар мегирад, ки фардҳо ё ақаллиятҳои хос дар як ҷомеа ба он эътиқод доранд;

2. Хурофоте, ки ҷанбаи ҷамъиятӣ дорад. Мақсад аз хурофоти ҷамъиятӣ фикрҳои мавҳум ва эҳсосоти ғайримантиқӣ аст, ки аксарияти ҷомеа ба он эътиқод ва пайвандӣ доранд ва дар ҳолатҳои зарурӣ аз онҳо ончунон тарафдорӣ мекунанд, ки барои ҳифзу бақояшон ҳозиранд ҷону моли хешро фидо кунанд;

3. Хурофоти сиёсӣ низ дарбаргирандаи андешаҳои авомфиребонае аст, ки гурӯҳҳои ифротӣ, ҳизбҳо ва ё сиёсатмадорони худхоҳи қудратталаб барои ҷуброни эҳсосоти бартариталабии хеш аз он фоида мебаранд. Онҳо барои ба мақсад расидан оммаро бо шиорҳои динӣ, мазҳабӣ, сиёсӣ ва миллӣ фиреб медиҳанд ва бо ин роҳ ниёзҳои иқтисодӣ, молӣ ва иҷтимоии худро баровarда месозанд.

Системаи давлатдории дунявӣ, ки дастоварди бузурги илмию сиёсии башарӣ буда, мардуми Аврупо, бо такя ба илму хиради инсонӣ онро тайи ҳазорсолаҳо ба даст овардааст, беҳтарин намунаи низоми давлатмадорист. Тавассути барномарезиҳои мушаххаси илмӣ, фарҳангӣ, ихтисосӣ ва фаннӣ, ки албатта, дар қолаби низоми дунёмадорӣ (секуляризм) авлавият касб мекунанд, коҳиш ёфтани сатҳи хурофотпарастӣ ва ҳалли решаи маҷмӯи мушкилоти марбута имконпазир мегардад.

Хулоса, хурофот ва хурофотпарастӣ ҷомеаро ба ақибмондагӣ, таассуб (фанатизм) ва кундии рушд дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ меоварад ва дар маҷмӯъ, ҷомеаро дар баробари хатарҳо бемуқовимат мекунад. Гузашта аз ин, мардум бо такя ба хурофот зудбовар гардида, аз ҷониби дигарон тез фирефта ва ба гурӯҳҳои ифротгароӣ ҷалб мешаванд. Аз ин рӯ, хурофотпарастӣ ва ифротгароиро танҳо бо роҳи дастаҷамъӣ ва иштироки ҳамаи афроди ҷомеа аз байн бурдан мумкин аст.

**М. ҶУМЪА**


ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»

БАРОИ СОЛИ 2020 ИДОМА ДОРАД

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

65 СОМОНӢ нархи яксолаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ»



Ба «Боҷу хироҷ» бо чашми хирад, чашми нек ва чашми дурбин нигаред ва ҳамрозу ҳамсадо бошед!

СУРОҒАИ МО:
ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе
**Телефон:** (2)33-08-41

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:
р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ
«Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
РМА 030007408

**БАРҲАМ МЕХӮРАД**

■ ҶДММ «Русбахт» (РМА 090007658) воқеъ дар ноҳияи Варзоб, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Ронандаи Шариф-2001» (РМА 150004002) воқеъ дар ноҳияи Варзоб, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Баракати Қанд» (РЯМ 5710005226) воқеъ дар шаҳри Конибодом, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶСП «Пойгоҳи автоматикунонидаи Суғд» (РЯМ 5110017303) воқеъ дар шаҳри Хуҷанд, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶСП «Маркази муоинаи тиббии ронандагон-Суғд» (РЯМ 5110019686) воқеъ дар шаҳри Хуҷанд, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Абдулмаҷид» (РЯМ 1810000904) воқеъ дар шаҳри Кӯлоб, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶСП «Назорати техники автомобили Суғд» (РЯМ 6310008852) воқеъ дар шаҳри Хуҷанд, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ Ассоциатсияи истифодабарандагони оби «Сурхоб»-и ҷамоати Хумдони ноҳияи Нуробод (РЯМ 1110000797) воқеъ дар ноҳияи Нуробод, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Шифои Оби Гарм» (РЯМ 0610001499) воқеъ дар шаҳри Роғун, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Ҷаҳон-ака» (РЯМ 0110017261) воқеъ дар ноҳияи Шоҳмансур, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ Намояндагии ҶДММС «СУЧЖОУ ЧЖУНТСАЙ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (РЯМ 4020000050, РМА 400009508) аз ноҳияи Ёвон, барҳам мехӯрад. арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Усмонов Садриддин (РЯМ 0331251223) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Пархидинов Зафар (РЯМ 0331363890) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Эмомов Одина (РЯМ 0331249857) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ваҳобов Бахтовар (РЯМ 0331388063) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Абдуллоев Дилшод (РЯМ 6830059922) аз ноҳияи Ашт, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Қуймуродов Иброҳимҷон (РЯМ 6830028682) аз ноҳияи Ашт, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Абдулазизова Тулабибӣ (РЯМ 6830051938) аз ноҳияи Ашт, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Машарипов Самандар (РЯМ 6830018947) аз ноҳияи Ашт, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Қодиров Ҳусниддин (РЯМ 5930045193) аз ноҳияи Спитамен, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шарипов Аъзамҷон (РЯМ 6330224185) аз ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Умаров Акмалҷон (РЯМ 6330114973) аз ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Кубборова Сойма (РЯМ 5230007402) аз ноҳияи Айнӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома соҳибкори инфиродӣ Маҷидов Бахром (РЯМ 5230027569) аз ноҳияи Айнӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Холов Беҳруз (РЯМ 5230026670) аз ноҳияи Айнӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад. қарз

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Бобохон» (РЯМ 2930006796) аз ноҳияи Вахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Азимова Шамсия (РЯМ 2230016076) аз ноҳияи Данғара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Эшмуродов Сироҷиддин (РЯМ 2230010613) аз ноҳияи Данғара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Солиҳов Нуриддин (РЯМ 2230029340) аз ноҳияи Данғара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Азимов Раҳмон (РЯМ 0630007419) аз шаҳри Роғун, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Гулов Ҳикматулло (РЯМ 5830002384) аз ноҳияи Мастчоҳ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад. (карз)

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Азимов Манучеҳр (РЯМ 0730176004) воқеъ дар шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба ҶДММ «Мадания-2019» (РЯМ 0710010162) воқеъ дар шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Ҷабборов Сафарҷон (РЯМ 6230059422) воқеъ дар шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Икромов Нозимҷон (РЯМ 6230041245) воқеъ дар шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҳоҷиев Собид (РЯМ 6230027650) воқеъ дар шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Низомов Бобомурод (РЯМ 6230178946) воқеъ дар шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Назиров Олим (РЯМ 2830090744) воқеъ дар шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Маҳмадиев Аслидин (РЯМ 3830020746) воқеъ дар ноҳияи Шаҳритус, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаходатнома барои бақайдгири оид ба супорандаи ААИ силсилаи U 07 №009551 аз 01.01.2017 мутаалиқ ба ҶДММ «Мадина-2015» (РМА 0710009621) аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш,беэътибор дониста шавад

■ Мошини назоратӣ – хазинавии тамғаи Миника 1102 №1022476, мутаалиқ ба соҳибкори инфиродӣ Ҳасанхон Ҳошимхон (РЯМ 0331232156) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БА ДИҚҚАТИ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шаҳрвандон ва соҳибмулконе, ки дорои объектҳои молу мулки ғайриманқул, ба монанди хонаҳои истиқоматӣ, ҳавлӣ, гаражҳо, биноҳо, иморатҳо, бӯстонсароҳо, дигар биною иморатҳо ва қитъаҳои замин мебошанд, хоҳиш менамояд, ки маблағҳои ҳисобшудаи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва замини наздиҳавлигии худро сари вақт ба буҷети давлатӣ пардохт намоянд.

Хотиррасон менамоем, ки дар сурати пардохт накардани маблағи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замин рӯйхати шаҳрвандон ва соҳибмулкони аз андоз қарздор дар матбуоти даврӣ ба чоп мерасад ва ҳамчунин тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ нисбати маблағҳои пардохтнашуда фоизҳо ҳисоб мегарданд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати сарфаи вақти корӣ ва бе ҳозир шудан ба нуқтаҳои хизматрасонии "Амонатбонк" қабули андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеиро дар шакли ғайринақдӣ тавассути POS – терминалҳо ба роҳ мондааст.

Хотиррасон мешавем, ки ҳангоми пардохт намудани маблағи андозҳо шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо чиптаҳои пардохт таъмин ва ҳамзамон маблағҳои пардохтшуда ба таври автоматӣ дар ҳисобварақаи онҳо сабт мегардад.

Аз ин лиҳоз, шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо истифода аз тартиби мазкур, метавонанд андозҳо аз молу мулки ғайриманқули худро минбаъд дар шакли ғайринақдӣ дар нозиротҳои андози маҳалли қайди худ бо истифода аз кортҳои бонкӣ пардохт намоянд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**




**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Американец несколько лет прятался в землянке, чтобы не платить налоги

Оригинальный способ не платить налоги придумал житель американского штата Висконсин Джеффри Графф. Как сообщает Newsweek, 41-летний мужчина ушел в лес, где выкопал настоящий земляной бункер длиною шесть метров, шириной два с половиной и высотой почти три метра. Там он поселился со своими восемью собаками.

В бункере было все для длительного проживания: баллоны с пропаном, электрогенератор, инструменты, многочисленные консервы. Для своей защиты американец хранил в землянке огнестрельное оружие, охотничьи ножи, а также лук со стрелами. Судя по всему он провел в одиночестве несколько лет, пока его не нашла полиция: местные жители пожаловались на стрельбу в лесу.

Прибывшие на место правоохранители обнаружили возле бункера бородатого и заросшего отшельника, который беспрестанно палил в воздух. Как оказалось, мужчина был крайне взбешен тем, что от него сбежали все его собаки.

«Лесному отшельнику» на днях будут предъявлены обвинения в незаконном владении оружием и проникновении на чужую собственность: он нелегально проживал на территории, которая принадлежит Техническому колледжу Милуоки.

**Источник: https://rg.ru**

## ШАҲРВАНДОНИ МУҲТАРАМ!

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

БА МАЪЛУМОТИ ШУМО МЕРАСОНЕМ, КИ РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАҲОИ АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ МЕТАВОНЕД АЗ СОМОНАИ КУМИТАИ АНДОЗ **WWW.ANDOZ.TJ** ВА БАРОИ ГИРИФТАНИ ПОСУХ АЗ БАХШИ ИТТИЛООТИИ (КОНТАКТ-СЕНТР) **151** ИСТИФОДА НАМОЕД.

АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

## § 3. РИВОҶ ЁФТАНИ ИСЛОҲОТИ АНДОЗ ВА РУШДИ НИЗОМИ МИЛЛИИ АНДОЗ (СОЛҲОИ 1999 -- 2006)

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

Дар бораи паст кардани бори андоз: дар сурати хуб ҷараён доштани ҷамъоварии андозҳо метавон ин амалро қобили қабул донист. Ҷамъоварии андозҳо дар ҷумҳурӣ ба баъзе сабабҳои объективӣ хеле паст аст. Баланд гардидани сатҳи ҷамъоварии андозҳо дар ҷумҳурӣ ба мустаҳкамсозии заминаҳои моддӣ-техникии мақомоти андоз, такомули омодасозӣ ва бозомӯзии мутахассисони соҳаи андоз, ҳисобу китоб дар мақомоти андоз, ба роҳ мондани ташвиқоту тарғибот дар миёни андозсупорандагон вобаста аст.

Бо вуҷуди он ки оид ба такомули низоми миллии андоз чораҳои зиёде андешида мешаванд, ҳоло ҳам аксар масоили иқтисодиву ҳуқуқӣ ва ташкилии андозбандӣ ҳалли худро наёфтаанд. Ба ин дараҷаи пасти ҷамъоварии навъҳои гуногуни андоз, қонунвайронкунӣ дар соҳаи андоз гувоҳӣ медиҳанд. Масалан, то 1 январи соли 2006 аҷиб афтодани андозҳо 99728192 сомонӣ буд, ки аз онҳо 11731172 сомонӣ пеня, 3104285 сомонӣ ҷаримаро ташкил медиҳанд. Дар муқоиса бо соли 2005 аҷиб афтодани андозҳо 44996358 сомонӣ зиёд шуд. Махсусан, дар ситонидани андози ягона аз истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ вазъи ногувор ба миён омад. Соли 2005 аҷиб афтодани андозҳо дар ин соҳа 32161682 сомониро ташкил дод. Сатҳи ҷамъоварии андози ягона аз истеҳсолкунандагони андози ягона, андоз аз фурӯши пахта, андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт хеле паст аст; соли 2005 нақшаи воридот аз ин андозҳо ба буҷети давлат иҷро нагардид. Ба ғайр аз ин, то ҳоло баҳисобгирӣ ва фарогирии ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки ба соҳибкорӣ машғуланд, ба итмом нарасидааст. Ҳоло ҳам мардум талаботи оид ба даромадҳои худ декларатсия пешниҳод карданро риоя намекунанд. Соли 2005 мақомоти андоз 5164 қонунвайронкуниро дар соҳаи андоз ба маблағи умумии 15881 ҳазор сомонӣ ошкор намуданд; аз онҳо 6300 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид гардидаст.

Ташкили андозбандӣ дар ҷумҳурӣ такмили ҷиддиро мехоҳад, чунки он ҷавобгӯи талаботи замон нест. Ҳоло мо аз таҳлили амиқ ва чигунагии камбудиҳои ташкили андозбандӣ худдорӣ намуда, танҳо баъзе ҷанбаҳои беҳсозии онро аз назар мегузаронем.

Имрӯз омодагии умуминазариявӣ ва сатҳи тахассусии кормандони мақомоти андоз хеле паст аст ва бад-ин сабаб он имконияти дар сатҳи баланд ташкил намудани корҳои аналитикӣ, тарғиботиву ташвиқотӣ бурданро оид ба андозбандӣ дар миёни андозсупорандагон, ба пуррагӣ амалӣ намудани вазифаҳои назоратӣ-иқтисодии худро надоранд.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ**
**«Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**

# Хусусияти шифоии анор



Хӯрдани анор миқдори гемоглобинро дар организм зиёд мегардонад.

Аз ҳама хусусияти асосии анор мубориза бурдани он бо камхунӣ мебошад. Ҳангоми камхунӣ шарбати анорро ба миқдори 0,5 истакон давоми рӯз се маротибагӣ, 30 дақиқа қабл аз таомхӯрӣ, истеъмол намоед. Агар аз рӯи ҳамин қоидаду моҳ аз анор истеъмол намоед, аз камхунӣ табобат меёбед.

Анор фишори баландро паст мегардонад. Донаҳои анор фишори хунро дар организм муътадил месозад. Пӯсти решаи хушккардашудаи анор ва дар чой андохтаи он системаи асабро ором карда, хоби шабонаро бароҳат мегардонад. Оби ҷӯшонидашудаи пӯсти анорро барои чайқонидани даҳон ва гулӯ истифода менамоянд, ки он дарди даҳон ва гулӯро табобат мекунад. Моддаҳои таркибии пӯсти анор дардро бартараф менамоянд ва кислотаҳои органикии он инфектсияҳои зарароварро нобуд месозанд.

Анор яке аз меваҳои ширинест, ки истеъмоли он ба гирифторони бемории қанд натанҳо мумкин аст, балки ба онҳо фоидаовар низ мебошад. Барои ин давоми рӯз 60 - қатрай аз шарбати анор ҳамарӯза 4 - маротибагӣ истеъмол намудан лозим аст. Дар ин маврид, аллакай, дар давоми се рӯз сатҳи қанди хун паст мегардад. Донаҳои анори хуб пухта расида дорои алкалоидҳо, пелтерин, изопелтерин ва метилизопелтерин мебошанд, ки таъсири пурзӯри зидди кирми меъда доранд. Инчунин, анор дарунравиро қатъ мегардонад, зеро донаҳои анор моддаҳои часпанда дорад. Истеъмоли шарбати анор ҳангоми шамолкашии гурда, ҷигар, гӯшу чашмҳо, буғумҳо ва узвҳои дохилӣ хело шифобахш аст. Барои ин ба болои ду қошуқча хокаи пӯсти анор як истакон об рехта, 30 дақика ҷӯшонед ва ҳамарӯза ба миқдори 50 граммӣ, 2-3 - маротибагӣ қабл аз таомхӯрӣ истеъмол намоед.

## Суханони ҳакимона

Ҳеҷ алоқае дар дунё шадидтар аз меҳр ба ватан нест.

х х х

Агар хоҳӣ,ки писандидаи мардумон бошӣ, бар он кас, ки хирад аз ӯ ниҳон бошад, рози хеш ошкор макун.

х х х

Агар хоҳӣ, ки дар дилҳо маҳбуб бошӣ ва мардумон аз ту нуфур набошанд, сухан бар муроди мардумон гӯй.

х х х

Дар дӯстӣ самимият лозим аст, дар вақти ҳисоб – дақиқият.

х х х

Комёбии беназири забон дар фаҳмо будани он зоҳир мегардад.

х х х

Барои шахси боистеъдод ва меҳнатдӯст сарҳад вуҷуд надорад.

# Панди рӯзгор

Доктор Виктор Франкл ягона касе буд, ки тавонист аз зиндони Освентс - им, воқеъ дар Лаҳистон, ки ҳамчун қатлгоҳ ва макони одамсӯзӣ маъруф буд, фирор кунад. Ӯ дар номае барои муаллимони саросари дунё чунин навишта буд: «Чашмони ман ҳодисаҳоеро диданд, ки бештар аз даҳшат буданд. Пизишкони қасамхӯрдаеро дидам, ки кӯдакони бегуноҳро бепарвоёна заҳролуд мекарданд. Ҳамшираҳои кордонеро вохӯрдам, ки бо як сӯзандору одамро ба ҳалокат мерасонданд. Касони маълумоти олидошта инсонҳои бегуноҳро дар оташ месӯзонданд. Аз шумо хоҳиш мекунам, талош варзед, то пеш аз он ки аз шогирдонатон табиб ё муҳандис тайёр мекунед, аз онҳо як инсони комил бисозед, то рӯзе ба ҷонварони ваҳшӣ табдил наёбанд. Табиб ё муҳандис шудан кори чандон душворе нест ва ҳар касе метавонад баъди чанд соли талош ба он даст ёбад, аммо ба шогирдони худ биомӯзед, ки беҳтарин ва бузургтарин сарвати онҳо одамияти онҳост».



# Нобинову ношунаво, аммо аз ҳама доно

**Ҳелен Келлер дар дусолагӣ ба бемории махмалак гирифтор шуда, аз биной ва шунавой маҳрум гашт.**

Аммо бо кӯшишу ғайрати беандозаи худ ва дастгирии омӯзгораш Энн Саливан чизеро аз худ мекунад, ки назираш дар олам кам аст. Вай метавонист аз рӯйи ҷунбиши лабҳо сухани гӯяндаро фаҳмад. Ҳатто бо истифода аз методи Брайл бо чанд забон хондану навиштанро низ омӯхт. Соли 1904 донишгоҳи Редклиффро бо баҳои аъло хатм намуда, миёни маъюбон аввалин касе шуд, ки соҳиби маълумоти олӣ гаштааст. Пасон, Ҳелен ба фаъолияти ҷамъиятӣ машғул мешавад. Ӯ ҳуқуқи шахсони имконияти ҷисмониашон маҳдудро ҳимоя карда, ба корҳои эҷодӣ низ машғул буд. Ҳамин саъю талоши пайваста ва иродаи мустаҳкам Ҳелен Келлерро сазовори мукофоти олии ИМА – «Медали президент барои озодӣ» гардонд.

# Васиятномаи аҷиб



Баъд аз даргузашти як миллионер васиятномаи ӯро ёфтанд, ки бисёр аҷиб буд. Ӯ ҳама дороиашро ба ному насаби се бонуе гузаронидааст, ки ба сарватманд заррае робита надоштанд.

Аммо аз матни васиятнома ҳадафи миллионер рӯшан шуд. Дар он омада буд: **«Сипосгузорам аз 3 бонуе, ки вақти ҷавонӣ хостгорони маро рад карда, бо ман издивоҷ нанамуданд. Сабаб пеш оварданд, ки камбағалам. Ба шарофати эшон худро сӯхтаву гудохта, ин ҳама сарват ва шуҳратро соҳиб шудам».**

Боҷу хироҷ
МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:
ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; МЕЛИКЗОДА К.Н. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - ёрдамчии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НУРЗОДА Ҷ. - сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ВОҲИДОВ А. - котиби масъули рӯзномаи «Боҷу хироҷ»; НИГМАТОВ М. - сардори шуъбаи иқтисод, буҷет ва андози рӯзномаи «Боҷу хироҷ».

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ тахти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-41 (мухбирон),
44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

**Навбатдор:** Неъматулло ЗОИРЗОДА

**Тарроҳ:** Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

***Индекс: 68930***

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

**Теъдод: 78 856**